**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК 32.001 (575.3)**
**ББК 66.01 (2 тадж)**
**М-87**

**МУРОДОВА НИГИНА СУЛАЙМОНОВНА**

# МАСЪАЛАҲОИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ХУСУСИЯТҲОИ АСОСӢ, ШАКЛҲОИ АМАЛИШАВӢ ВА НАТИҶАҲОИ ОН

Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**ДУШАНБЕ - 2022**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Акмалова Мунира Абдунабиевна** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Холиқзода Абдураҳим Ғаффор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. Директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Олимов Музаффар Абдуваққосович** - доктори илмҳои таърих. Директори Маркази илмӣ-тадқиқотии «Шарқ» /Orien

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Ҳимояи диссертатсия «20» майи соли 2022, соати «$14^{00}$» дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15, www.tnu.tj, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. +992 919 60 69 66) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ________соли 2022 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

# ТАВСИФНОМАИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Аҳамияти тадқиқи мавзуъ** бо зарурати омӯзиши ғоя ва бунёди амалии ҷомеаи муосир, нақш ва мақоми институтҳои сиёсӣ дар раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир дар Тоҷикистон, муайян намудани моҳият, қонуниятҳои инкишоф ва махсусиятҳои эволютсионии роҳҳо ва заминаҳои рушд аз нигоҳи илмҳои сиёсӣ мебошад. Инчунин, мушаххас намудани вазифаҳои сиёсӣ, мақом ва нақши ниҳодҳо дар раванди модернизатсияи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқи илмӣ пайдо мекунад.

Тадқиқоти мазкур аҳамияти муҳим ва зарурриро соҳиб аст. Зеро тағйирпазирии куллие, ки дар ҳаёти фарди Тоҷикистон пайдо мешавад ва инчунин ҳалли масъалаҳои зиёди инкишофи сиёсӣ ба ташаккули ҷомеаи муосир пайвасти ногусастанӣ доранд, таҳлил, натиҷагирӣ ва баҳогузории илми сиёсиро талаб менамоянд. Муҳимияти омӯзиши мавзуъ бо талаботи мукаммалгардии бардавоми назарияи инкишофи сиёсӣ, зарурати мушаххасгардонии фаҳми равандҳои модернизатсионӣ дар таҷрибаи сиёсии Тоҷикистон, аҳамияти барҷастаи илмӣ пайдо мекунад.

Симои модернизатсионии ҳар як кишвар, самт, ҳаракат ва хусусиятҳои эволютсияи ҷомеаи гузариши демократӣ дар роҳи «модернизатсияи бошитоб» ҳамеша дар шакли зуҳуроти илмӣ, масъалаи мубрами сиёсӣ ва баҳси академӣ, ки бо таҳлил ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои амалишавии инкишофи модернизатсионии босуръат пайваста аст, таҳлил ва арзёбӣ мешавад. Дар баробари ҷой доштани самтҳои гуногуни тадқиқоти олимони ғарбӣ дар масъалаи мазкур ченаки қафомонии ин ё он кишвари олам ба принсипи «ба меъёрҳои инкишоф мувофиқ нестанд» муайян мегардад. Меъёри мазкур сифатҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсиро, ки арзишҳои олами ғарбиро инъикос мекунанд, тавсиф менамояд. Равандҳои модернизатсионии Тоҷикистон анҷом наёфтаанд ва аз чунин ҳолат дуранд. Ба онҳо муносибатҳои анъанавие, ки ислоҳ нагардидаанд ва замонавӣ нашудаанд, монеа мешаванд. Мо дар раванди тағйирпазирӣ бо дастовардҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки хосияти ҷустуҷӯи роҳҳои навро барои бунёди «ҷомеаи оянда» дорад, қарор дорем. Бинобар ин, масъалаҳои такмилёфтаи равандҳои сиёсии давраи модернизатсионӣ ва таъсири он ба инкишофи истиқлоли Тоҷикистон нигоҳ ва таҳлили илмиро талаб менамоянд, ки хусусияти вакт ва замон мебошад.

Ташаккули ҷомеаи муосир омили муҳими рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи воқеан озод, таҳаммулпазир ва таҳкими ҷомеаи маданӣ мебошад. Тоҷикистон низ дар раванди инкишофи демократӣ қарор дорад. Дар чунин ҳолат зарурати муайян намудани унсурҳои муҳими ҳамбастагӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ дар раванди модернизатсияи сиёсӣ ба амал меояд.

Дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд меоянд, тағйиротҳои мувофиқро дар афкори мардум талаб доранд, зеро бе тағйири сатҳи ҷаҳонбинӣ дар шуури сиёсӣ, фарҳанг ва психологияи одамон ҳалли масъалаҳои муҳими ҷомеаи демократӣ ғайриимкон мегардад. Бинобар ин, ташаккули нигоҳи сиёсии ҳар як инсон бо назардошти таъмини рӯҳияи мустақилияти миллӣ ва истиқлолият, таъсиси ҷомеаи башарию демократӣ яке аз вазифаҳои ҷавҳарӣ дар раванди гузариш ба ҳолати сифатан нави раванди сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Онҳо, бешубҳа ба таҳлил ва арзбии илмӣ ниёз доранд.

Падидаи меҳварии инкишофи ҷомеаи муосирро ташаккул ва инкишофи ҷомеаи маданӣ ташкил намуда, таъсири он ба равандҳои сиёсӣ баръало намудор мешавад. Инкишофи институтҳои ҷомеаи маданӣ бе шахсони фаъоли иҷтимоӣ ва иттиҳодияҳои мустақил ва ташаббускор номумкин аст. Чунин воқеият ба ташаккули ҷомеаи маданӣ замина мегузорад ва бешубҳа яке аз унсурҳои самти илмиро дар омӯзиши равандҳои сиёсии Тоҷикистон собит месозад.

Имконияти истифодаи консепсияҳои бунёдгарои модернизатсияро дар тадқиқи раванди сиёсии Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо равандҳои ҳамто дар кишварҳои дигар ҳолати муҳими тадқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Зеро падидаҳо ва таҷрибаҳои инкишофи кишварҳои «олами сеюм», ки зарурати илмиро пайдо намуда, чун консепсияҳои инкишоф эътироф гардидаанд, дар ҷараёни таҳлили равандҳои кишвари мо мақоми махсусро соҳиб гардидаанд.

Байни модернизатсияи кишварҳои пешқадами Ғарб ва равандҳои ҳамтои кишварҳои дигар фарқияти зиёд вуҷуд дорад. Дар ҳолати якум ҷараёни тағйирпазирӣ дар ҷодаи зиддиятҳои дохилӣ, дар миқёси фарҳангии худ, ки эҳёгардии он аз ибтидои пайдоиш душворӣ дорад, ҷорӣ гардида, пайваста мукаммал мешавад. Дар кишварҳои дигар модернизатсия дар зери таъсир ва фишори қавии таҷрибаи Ғарб, ки намунаҳои самараноки фаъолиятро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ошкор сохта, роҳҳои ҳалли масъалаҳоро муайян месохт, сипарӣ гаштааст. Бинобар ин, дар рафти тадқиқи равандҳои модернизатсионӣ дар Тоҷикистон рӯзмарра будани таҳлили ҳолати тағйирпазирии сиёсӣ, ки натиҷаи он вазъи кунунии кишварро собит месозад, зарурати илмиро пайдо мекунад. Дар иртибот бо равандҳои модернизатсионии умум мақоми Тоҷикистон дар низоми ҷомеаи муосир баҳогузорӣ мешавад. Аз ҳамин сабаб муҳимияти масъалаи мазкур дар раванди ташаккули ҷомеаи муосир, натиҷаи он дар бештари вақт аз фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва субъектҳои сиёсӣ ва аз шаклҳои ҳамбастагии онҳо вобаста буда, дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон инъикос мешавад.

Тағйиротҳои ҷиддие, ки дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ба амал омаданд дар назди сиёсатмадорон, олимон, ҷомеашиносон, шаҳрвандон масъалаи фаврии тағйири системаи сиёсӣ, масъалаи мустақилияти сиёсӣ ва истиқлолияти давлатиро ба миён оварданд. Бо эълон доштани истиқлолият Тоҷикистон баръало ҳис намуд, ки дар гузаргоҳи байни ду тамаддун – шарқӣ ва ғарбӣ қарор дорад. Эҳёи Роҳи Бузурги Абрешим, чораҳои самараноки Ҳукумати Тоҷикистон дар муҳайё намудани робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва байналхалқӣ бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, танҳо пас аз барқароршавии сулҳ ва муътадилии кишвар маънои комили худро соҳиб гардида, барои амалишавии он заминаҳоро таъмин сохт. Чунин амалҳои ҳокимият ва давлати Тоҷикистон бояд аз нигоҳи илмҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои равандҳои модернизатсионӣ матраҳ гардида, арзёбӣ шаванд.

Дар воқеияти олам чун дар давраи нави инкишофи ҷаҳонӣ хосияти муносибатҳои дохилии системаи сиёсии давлатҳои зиёд ва инчунин, дар муносибатҳои байнидавлатӣ тағйиротҳои сифатӣ ба чашм мерасанд, ки дар онҳо майлони ташаккули низоми нави тартиботи ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Аз ин ҷост, ки ба таври пурра рафти инкишоф, хусусият ва умқи дигаргуниҳои глобалиро дар фазои нави геополитикӣ таҳлил намуда, равандҳоро дар умумият аз назари гузашта, ҳозира ва оянда тадқиқ созем.

Мавзуи рӯз будани масъалаи мазкур дар он маъно интишор мегардад, ки дар айни ҳол таҷрибаи модернизатсия чун арзиш эътироф гардида, дар тарҳи илмии ҷамъиятиву сиёсӣ таҳлил меёбад. Инчунин, дар раванди ҳалли масъалаҳои рӯзмарра истифода ва таҳкими таҷрибаи амалии равандҳои модернизатсионии кишварҳои гуногун, ки ба қатори ҷомеаҳои муосир, бо истифодаи шаклҳои идоранамои ғарбӣ дар сиёсат ва иқтисодиёт шомил шудаанд, зарур аст. Таҷрибаи амалии Тоҷикистон, махсусан, дар солҳои истиқлолият, ки бо давраи ҷангӣ ва баъдиҷангӣ ҳамқадам аст, чун намунаи таҳаввулоти системаи сиёсӣ бо натиҷаи ташаккули ҷумҳурии демократӣ асос меёбад.

Тадқиқи дигаргуниҳои инкишофи ҷамъиятиву сиёсӣ аҳамияти муҳимро на танҳо дар фаҳми сабабҳо ва механизмҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ, балки дар маълумсозии самтҳои пешгӯинамоӣ ва коркарди стратегияи дигаргуниҳои иҷтимоӣ пайдо мекунад. Дигаргуниҳои сиёсии мазкур, ки дар низоми сиёсии ҷаҳонӣ пайдо мешаванд ба таҳлил ва тадқиқи амиқ ниёз доранд. Диққати махсусро гузариши системаи сиёсӣ, ки тадқиқи он бояд ба таҳкими муносибатҳои сиёсӣ, ҳалли зиддиятҳо ва бартарафсозии бӯҳрони гуногуни сиёсӣ мусоидат намояд, мақоми илмиро соҳиб мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии тадқиқи хусусиятҳои раванди модернизатсионии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо дараҷаи коркард ва тадқиқи

масъалаҳои ҷомеаи муосир дар доираи илмии Тоҷикистон пайваст мебошад. Таҳлили маводҳои илмӣ собит месозанд, ки тадқиқоти мавҷуда ба таври пурра нигоҳи воқеии сиёсиву иҷтимоиро дар ҷараёни модернизатсия ошкор намесозанд, оид ба сабабу натиҷаи гузариши ҷомеа аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ки рафти инкишофро дигаргун месозанд, андешаи комилан илман асоснокгардида вуҷуд надоранд. Зеро онҳо ба воқияти инкишофи замони муосир такя намекунанд, ё падидаи модернизатсия на чандон аз нуқтаи назари тағйирпазирие, ки дар сиёсат ва ҷомеа ба амал меояд, дар чорчӯбаи самти назариявию сиёсатшиносӣ, ки барои танзим ва таҳкими андешаҳо оид ба равандҳои модернизатсионӣ мусоидат мекунанд, омӯхта шудаанд.

Таҳлили самтҳои илмиву тадқиқотии равандҳои модернизатсионӣ, махсусан, дар Тоҷикистон имконияти ба фаҳми моҳияти қонуниятҳо ва хусусиятҳои равандҳои навташаккул ва комили ҳаёти сиёсӣ дар замони буҳронҳо изофа намудани унсурҳои навини тадқиқотиро зарур медонад. Махсусан, чунин ҳолатҳо ба ҳаёти сиёсӣ таъсир намуда, онро дигаргун месозанд. Муҳимияти тадқиқот дар зарурати таҳлили доманадори равандҳои сиёсии пешина ва ҳозира бо мақсади бунёди мазмун дар иртибот бо равандҳои модернизатсионӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки барои таҳкими дурнамои инкишоф ва имкониятҳои оянда, бо хоҳиши донистани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи муътадили он ба миён меояд.

Мавзуи тадқиқот аз нигоҳи илмӣ мазмунан ғанӣ буда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҷолиб мебошад. Омӯзиши шароитҳои таърихиву назариявии ташаккул ва инкишофи системаи сиёсӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, дарки он барои амалӣ намудани мақсадҳои назариявии модернизатсионии Тоҷикистон алоқаманд буда, моҳият, роҳҳо ва самтҳои татбиқи ғояҳои модернизатсионӣ дар таҷрибаи муосири ҷомеаи тоҷикистонӣ мақоми меҳвариро соҳиб мебошад.

Махсусиятҳои назариявӣ ва амалии тадқиқ, таҳлил ва натиҷагирии масъалаҳои модернизатсияи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои зерин маншаъ мегирад:

– омӯзиш ва дарки андешаҳо, консепсияҳо оид ба ҷомеаи муосир, ки бевосита марбути масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ ва системаи идоракунии давлатӣ буда, ба равандҳои модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои объективиро дода метавонанд;

– зарурат ба дарки комили мафҳум, моҳият, мазмуни ҷомеаи модернизатсионӣ, махсусан, истифодаи он нисбат ба кишварҳои тозаистиқлол талаботи зарурироба миён меорад. Муайян намудани мақом ва нақши институтҳо ва сарварони сиёсӣ, таъсири онҳо ба модернизатсияи низоми давлатӣ, муайян намудани майлонҳо ва ҷараёнҳо ба сӯи ҷомеаи муосир, шароитҳо ва вазифаҳои таъсиси он дар давраи муосири инкишоф барои

таҳлили вазъи кунунӣ ва тадқиқу таҳкими масъалаҳои модернизатсия дар Тоҷикистон хело муҳим аст;

– таҳлили нишонаҳои алоҳидаи системаи сиёсӣ, ба мисли институтҳои сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, арзишҳои сиёсӣ ва ғайра, ки барои таҳкими ҳамаҷонибаи дигаргуниҳои баамаломадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо мекунанд.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Рисолаи мазкур, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои назариявию методологии тадқиқи модернизатсияи сиёсӣ ва ҳолати воқеии он дар олами муосир, аз ҷумла дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Модернизатсия ва воқеияти он дар саросари олам, аз як тараф ҳолати муқаррарии инкишофи ҷомеа буда, аз тарафи дигар зарурати коркарди тарҳҳои рушди сиёсии низоми давлатдориро ба миён меорад. Зеро бе таҳлил ва омӯзиши инкишофи сиёсии кишварҳо, ояндаи онҳоро тарҳрезӣ намудан амри маҳол аст. Омӯзиши модернизатсияи сиёсӣ ва таҷрибаи амалии он заҳмат ва кӯшишҳои зиёдро барои дарки илмию мантиқии маводҳои бисёру гуногун, ки дар тадқиқоти донишмандон ҷамъ гардидаанд, талаб дорад. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи маводи илмӣ лозим аст, ки дар нисбати онҳо таснифоте анҷом дода шавад.

Ба қисмати аввал сарчашмаҳои илмие мансубанд, ки ба қалами олимони поягузори назарияи модернизатсияи сиёсӣ дахл доранд. Дар навбати худ асарҳои асосгузорони таълимоти модернизатсияи сиёсиро ба зерқисматҳо ҷудо намудан зарур аст, зеро онҳо мавзуъ ва тарафҳои гуногуни масъалаи мазкурро дар бар гирифтаанд. Ба зерқисмати якум андешаҳо оид ба ташаккули ғояи инкишофи сиёсӣ ва масълаҳои мубрами он дохил мешаванд, ки мақоми марказиро дар ин ҷода асарҳои муҳаққиқон М. Вебер, Т. Парсонс, А.Ҷ. Тойнби ва ғайра бозидаанд.[1]

М. Вебер дар асари «Ахлоқи протестантӣ ва рӯҳи капитализм» равандҳои гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосирро таҳлил менамояд, ки онро ба сифати аввалин тадқиқоти системаноки раванди модернизатсияи низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ қабул намудан мумкин аст. М. Вебер «яке аз аввалин касонест, ки масъалаи муҳим ва нақши муайянкунанда доштани омилҳои иҷтимоиву фарҳангиро дар ташаккули низоми махсуси бедоркунандаи (мотиватсия) фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз дигар фаъолияти хоҷагидорӣ д ҷомеаи тобуржуазӣ тафовути куллӣ дошт,

[1] Ниг.: Вебер, М. Город [Текст] / М. Вебер. – М.: Strelka Press, 2017. – 705 с.; Боз вай. Протестантская этика и дух капитализма [Текст] / М. Вебер. – М.: Прогресс, 1990. – 808 с.; Парсонс, Т. Система современных обществ [Текст] / Т.Парсонс. – М.: Аспект Пресс, 1998. – 269 с.; Боз вай. О структуре социального действия. Изд. 2-е. [Текст] / Т. Парсонс. – М.: Академический проект, 2002. – 880 с.; Тойнби, А. Дж. Постижение истории [Текст] / А. Дж. Тойнби. – М., 1999. – 411с.; Боз вай. Цивилизация перед судом истории [Текст] / А. Дж. Тойнби. – М.: Рольф, 2002. – 592 с.

ошкор сохта, дар бораи ташаккули ҳолати махсуси олам ва низоми арзишҳо изҳори назар намудааст, ки баъдан онро «модерНити» номиданд».[1]

Таъсири муайянкунандаро дар ташаккули назарияи модернизатсия асарҳои методологии Т. Парсонс гузоштанд, ки комилшавии ҳолати системаи иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсиро аз назари тарҳи сохтори функсионалӣ ва ғояҳои тафриқабандӣ дида баромадааст. Т. Парсонс гузариш ба ҷомеаи муосирро бо ташаккули бюрократияи маъмурӣ, волоияти ҳуқуқ, иқтисоди бозоргонӣ ва низоми интихоботии демократӣ алоқаманд медонад.[2]

Зерқисмати дуюми асарҳо аз ҷониби Г. Алмонд, Ҷ. Пауэлл ва дигарон матраҳ гардидаанд, ки масъалаҳои тавлидшавии ҷараёнҳои тадқиқотиро оид ба инкишофи сиёсӣ муттаҳид месозанд. Г. Алмонд дар асари «Сиёсат дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ» диққати асосиро ба кишварҳои қафомонда додааст, ки барои инкишофи минбаъда умед доранд ва дар ин асос ӯ андешаи ҳамоҳангсозии табиати рушди системаи сиёсиро бо фарҳанги сиёсӣ пешниҳод менамояд.[3] Ӯ бо Ҷ. Пауэлл асареро бо номи «Сиёсатшиносии муқоисавӣ: аз нигоҳи назари инкишоф» интишор намуд, ки дар он ба таври васеъ ва консепсияҳо ва хосиятҳои давраҳои инкишоф ошкор гардидаанд.[4] Дар маҷмуъ, назариячиёни ҷараёни мазкур кӯшиши истифодаи фаҳми анъанавии демократия ва инкишофи сиёсиро қабул намуда, моҳияти аслии мафҳумҳоро бо истифодаи таҷрибаи сиёсии англо-саксонӣ мукаммалтар менамоянд.

Зерқисмати сеюмини адабиёти илмӣ ба масъалаҳои назариявию методологии равандҳои модернизатсионӣ шомил мебошанд, ки бештар ба масъалаҳои тағйирпазирии сиёсӣ ва модернизатсияи системаи сиёсӣ мутааллиқанд, ки дар асарҳои Д. Лей, Д. Эптер ва ғайра дарҷ гардидаанд.[5] Дар ин маврид асари муҳаққиқи америкоӣ С.Хантингтон «Тартиботи сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда» оид ба махсусиятҳои сиёсиву иҷтимоии равандҳои модернизатсионии ҷомаеи анъанавӣ бахшида шудааст, аҳамият пайдо мекунад. Дар рисола рафти тағйирпазирии институтҳои сиёсӣ, нақши сарварони сиёсӣ дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа, вазъи табақаҳои иҷтимоӣ

---

[1] Ниг.: Зарубина, Н.Н. Социокультурные факторы хозяйственного развития: М. Вебер и современные теории модернизации [Текст] / Н.Н. Зарубина. – СПб, 1998. – С. 213.

[2] Ниг.: Parsons, T. Societies: evolutionary and comparatives [Text] /T. Parsons. – New Jersey, 1996. – 120 p.

[3] Ниг.: Almond, G. Progress and its discontents [Text] / G. Almond. – Berkly, 1982. – 565 p.

[4] Ниг.: Almond, G. Comparative Politins: A Devolopmental Approach [Text] / G. Almond. J. Powell. – Boston, 1966. – 221 p.

[5] Ниг.: Lees, J.D. The political system of the Unted States [Text] / J.D. Lees. – L., 1983; Apter, D. Politik of Modernization [Text] / D. Apter. – N.V., 1958. – 481 p.; Боз вай. Some Conceptual Approaches to the Study of Modernization Englewood sliffs [Text] / D. Apter. – N.V., 1958. – 380 p.

ва мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа чун унсурҳои модернизатсионӣ таҳлил шуданд.[1]

Қисмати дуюми адабиёти илмӣ бо масъалаҳои бунёдии таълимоти модернизатсионӣ пайваст аст, ки намояндагони мактабҳои либералӣ Р. Арон, И. Бэнтам, Б.А. Леви, Д.С. Милл, К. Поппер, Ф. Хайек ва дигарон тадқиқ намудаанд.[2] Инчунин аз мавқеи ҷонибдорони ҷомеаи анъанавӣ А. Бенуа, Р. Генон, Л. Дюмон, В. Зомбартд, Ф. Нитше, О. Шпенглер, Л. Штраусс, Ю. Эвола, М. Элиаде масъалаи мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.[3]

Инъикоси унсурҳои гуногуни модернизатсияи сиёсӣ дар тадқиқотҳои зиёде аён гардидаанд, ки бештар ба масъалаи дигаргунии сифатии системаи сиёсии муосир ва ба ташаккули ҷомеаи оянда тааллуқ дошта, дар рисолаҳои Д. Белл, О. Тоффлер, С. Хантингтон ва дигарон дарҷ мешаванд.[4]

Бешубҳа, кӯшиши гурӯҳбандии назарияи сиёсӣ бо назардошти тадқиқотҳои муосир аз ҷониби муаллифони рус, ба монанди Н.А. Баранов, В.А. Василев, К.С. Гаҷиев, И.А. Гобозов, И.П. Илин, М.В. Илин, Б.Г. Капустин, А.И. Кравченко, А.Ю. Мелвил, Р.Т. Мухаев, А.С. Панарин, И.В. Побережников, А. Рябов, Т.Т. Тимофеев, В.Н. Шевченко хеле ҷолиб ва мазмунан ғанӣ матраҳ гардидаанд, ки дар илми сиёсӣ аҳамияти муҳим доранд.[5]

---

[1] Ниг.: Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / С.Хантингтон; пер. с англ. В.Р.Рокитянского. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – 480 с.

[2] Ниг.: Арон, Р. Демократия и тоталитаризм [Текст] / Р. Арон. – М., 1993. – 301 с.; Бэнтам, И. Избранные сочинения, Т.1. [Текст] / И. Бэнтам. – СПб, 1867. – 706 с.; Levy M. Modernization and the Structure of Societies. Vol. 1-2. [Text] / M. Levy. – Princeton, 1966. – 855 p.; Милль, Дж. Система Логики. Изложение принципов доказательства в связи с методами научного исследования [Текст] / Дж. Милль. – М., 2011. – 832 с.; Поппер, К. Открытое общество и его враги. В 2 т. [Текст] / К. Поппер. – М., 1992. – 448/525 с.; Хайек, Ф. Дорога к рабству [Текст] / Ф.Хайек. – М.: Астрель, 2012. – 317 с.; Боз вай. Общество свободных. Сдерживание власти и развенчание политики [Текст] / Хайек Ф. – London, Overseas Publications Interchange Ltd., 1991. – 309 с.

[3] Ниг.: Бенуа, А. Закон джунглей [Текст] / А. Бенуа // Элементы. – 1994, № 5. – С. 43-48.; Генон, Р. Восток и Запад. [Текст] / Р. Генон. – М., 2005. – 234 с.; Боз вай. Кризис современного мира [Текст] / Р. Генон. – М., 1991. – 781 с.; Дюмон, Л. Homo hierarchicus: опыт описания системы каст [Текст] / Л. Дюмон – М., 2001. – 449 с.; Зомбарт, В. Буржуа [Текст] / В. Зомбарт. – М., 1994. – 46 с.; Ницше, Ф. О пользе и вреде истории для жизни [Текст] / Ницще Ф. // Философия истории: системно-исторический очерк. – М., 1995. – С. 131-144; Шпенглер, О. Закат Европы [Текст] / Шпенглер О. – М., 1993. – 667 с.; Штраус, Л. Введение в политическую философию [Текст] / Л. Штраус. – М.: Логос, 2000. – 364 с.; Эвола, Ю. Языческий Империализм [Текст] / Ю. Эвола. – М., 1994. – 172 с.; Элиаде М. Священное и мирское [Текст] / М. Элиаде. – М., 1994. – 144 с.

[4] Ниг.: Белл, Д. Грядущее постиндустриальное общество [Текст] / Д. Белл. – М., 2004. – 944 с.; Боз вай. Третья технологическая революция и ее возможные социокультурные последствия [Текст] / Д. Белл. – М., 1990. – 8 с.; Тофллер, О. Эра смещения власти [Текст] / О.Тофллер. // Философия истории: системно-исторический очерк. – М., 1995. – С. 322-339; Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / С. Хантингтон. – М., 2003. – 603 с.

[5] Ниг.: Баранов, Н.А. Трансформации современной демократии [Текст] / Н.А. Баранов. – СПб., 2006. – 214 с.; Васильев, В.А. Единство и многообразие [Текст] / В.А. Васильев. // Социально - гуманитарные знания. – 2016, № 3. – С. 121-131.; Гаджиев, К.С. Проблема модернизации и

Қисмати сеюми корҳои илмиеро, ки ба масъалаҳои умумии модернизатсияи сохтори ҷамъиятӣ дахл доранд, чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

– асарҳое, ки ба масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ, шаклҳои амалишавӣ ва паҳншавии он ба кишварҳои дигар, махсусан, ИДМ алоқаманд мебошанд. Дар асоси тадқиқи таҷрибаи кишварҳои мутараққии олам, ки давраи амалишавӣ ва паҳнсозии равандҳои модернизатсияи сиёсиро паси сар карданд, асарҳои олимон Э.А. Азроянс, И. Валлерстайн, А.Г. Дугин, А.А. Кара-Мурза, Г.Л. Купряшин, В.В. Лапкин, В.М. Межуев, С.А. Панкратов, Л.В. Сморгунов ва дигарон интишор гардиданд. [1]

---

политической демократии [Текст] / К.С. Гаджиев. // Политическая культура: теория и национальные модели. – М., 1994. – С. 12-23.; Гобозов, И. А. Философия политики [Текст] / И.А. Гобозов. – М., 2002. – 230 с.; Ильин, И.П. Постструктурализм. Деконструктивизм. Постмодернизм [Текст] / И.П. Ильин. – М., 1996 – 256 с.; Ильин, М.В. Ритмы и масштабы перемен: о понятиях «процесс», «изменение» и «развитие» в политологии [Текст] М.В. Ильин // Полис. – 1993, № 2. – С. 57-68; Ильин, М.В. Перспективы сравнительного изучения политической модернизации [Текст] / М.В. Ильин. // Политическая наука. – 2003, № 2 – С. 30-41; Капустин, Б.Г. Современность как предмет политической теории [Текст] / Б.Г. Капустин. – М., 1998. – 308 с.; Боз вай. Конец «транзитологии»? О теоретическом осмыслении первого посткоммунистического десятилетия [Текст] / Б.Г. Капустин // Полис. – 2001, № 4. – С. 6-24; Кравченко, И.И. Политика, наука и утопия [Текст] / И.И. Кравченко // Драма обновления. М., 1990. – С. 305-329; Боз вай. Политическая мифология: вечность и современность [Текст] / И.И. Кравченко // Вопросы философии. – 1999, № 1. – С.3-17; Мельвиль, А.Ю. Демократические транзиты [Текст] / А. Ю. Мельвиль. – М., 1999. – 108 с.; Мухаев, Р.Т. Трансформация государственных и правовых институтов в условиях транзита [Текст]: дисс. … док. полит. наук / Р.Т. Мухаев. – М., 1991. – 310 с.; Панарин, А.С. Россия в цивилизационном процессе (между атлантизмом и евразийством) [Текст] / А.С. Панарин. – М., 1995. – 262 с.; Побережников, И.В. Переход от традиционного к индустриальному обществу: теоретико-методологические проблемы модернизации [Текст] / И.В. Побережников. – М., 2006. – 237 с.; Рябов, А. «Самобытность» вместо модернизации: парадоксы российской политики в постстабилизационную эпоху [Текст] / А. Рябов. – М., 2005. – 64 с.; Тимофеев, Т.Т. Глобализация. Конфликт или диалог цивилизаций? [Текст] / Т.Т. Тимофеев. – М., 2002. – 363 с.; Шевченко, В.Н. Теория модернизации с социально-философской точки зрения [Текст] // Модернизация и национальная культура. / В.Н. Шевченко. – М., 1995. – С.68-74.

[1] Ниг.: Азроянц, Э.А. Глобализация: Катастрофа или путь к развитию? [Текст] / Э.А. Азроянц. – М., 2002. – 480 с.; Валлерстайн, И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире [Текст] / И. Валлерстайн. – СПб., 2001. – 416 с.; Дугин, А. Евразийский путь [Текст] / А. Дугин. – М., 2002. – 144 с.; Боз вай. Философия традиционализма [Текст] / А. Дугин. – М., 2002. –271 с.; Кара-Мурза, А.А. Российская модернизация: проблемы и перспективы [Текст] / Кара-Мурза // Вопросы философии. – 1993, №7. – С.3-39; ; Купряшин, Г.Л. Институциальный дизайн государственного управления: Институты государственного управления в контексте политической модернизации [Текст] Г.Л. Купряшин – Lambert Academic Publishing Saarbrucken, 2011. – 99 с.; Боз вай. Модернизация государственного управления: институты и интересы [Текст] / Г.Л. Купряшин. – М., 2012. – 312 с.; Лапкин, В.В. Модернизация в глобальном контексте: повестка дня для России – Глобальный мир: к новым моделям национального и регионального развития. Научная монография в 2 т. [Текст] / В.В. Лапкин. – М., 2014. 314/648 с.; Межуев, В.М. Проблема современности в контексте модернизации и глобализации [Текст] // Этатистские модели модернизации / В.М. Межуев. – М., 2002. – С.138-153; Панкратов, С.А. Модернизация как исторический феномен [Текст] / С.А. Панкратов. – Волгоград, 1999. – 64 с.; Боз вай. На пути модернизации к устойчивому развитию России [Текст] / С.А. Панкратов. – Волгоград. 2001. – 237 с.; Сморгунов, Л.В. Современная сравнительная политология [Текст] / Л.В. Сморгунов. – М., 2002. – 469 с.

Муҳаққиқон тавсияҳои умумии баҳри ба таври осоишта ҷоригардии раванди тағйирпазирии системаи сиёсии кишварҳоро дар рафти модернизатсия коркард намуда, ба масъалаҳои мушаххаси он аҳамияти зарурӣ доданд. Таваҷҷуҳи асосиро онҳо ба хусусиятҳои миллӣ, маҳаллӣ, таърихӣ ва минтақавии давлатҳо додаанд, ки дар рафти трансформатсияи сиёсӣ қарор дошта, мақсади модерникунонии системаи сиёсиро доранд. Ба ин гурӯҳи асарҳо, инчунин монографияҳои С.Н.Гавров ва В.Г.Федотова мансубанд.

Монографияи С.Н. Гавров «Модернизатсия бо номи империя: унсурҳои иҷтимоиву фарҳангии равандҳои модернизатсионии Россия» оид ба масъалаҳои модернизатсия ва хусусияти императивии он ва қабули хосияти либералии муосиркунӣ чун шакли иловагӣ ва ҷубронкунандаи ҳолати рушди Россия, бахшида мешавад. Ба андешаи муаллиф модернизатсия дар Россия ба намунаи волои модерн ворид нагардидаст, зеро он дар бо назардошти асосҳои феодаливу империявӣ, ки дар низоми фарҳангиву тамаддунӣ ташаккул ёфтанд, амалӣ гаштааст. Дар ин шакли модернизатсия империя ва ташаккули минбаъдаи он чун мақсади модернизатсия ва инсон танҳо воситаест барои амалӣ шудани нақшаҳои модернизатсионӣ эътироф гардидааст.[1] Асари муаллифи мазкур бо номи «Модернизатсияи Россия: транзити баъдиимпериявӣ» ба тадқиқи равандҳои модернизатсионии Россия бахшида шудааст, ки хусусиятҳои мусбиву манфии рафти он ошкор гардидааст. Муаллиф андешаҳои намояндагони илму фарҳанг ва сиёсатро дар асари худ таҳлил намуда, масъалаи модерникуниро бо назардошти талаботҳои европоӣ ва мутобиқати он дар фазои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии Россия матраҳ месозад.[2]

Монографияи В.Г. Федотова бо номи «Модернизатсияи Европаи «дигар»»», ки яке аз аввалин рисолаҳои илмӣ бахшида ба тадқиқи равандҳои модернизатсионӣ мебошад, таҳлили ҳолати модернизатсионӣ, ғайримодернизатсионӣ ва постмодернизатсионии инкишофи сиёсии кишварҳои пасошӯравӣ ва масхусан Россияро дар бар мегирад. Муаллиф тарҳи мақбули модернизатсияро барои кишварҳои посашӯравӣ ва махсусан Россия дар асоси таҳлили ҳолати рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ коркард намуда, номи онро бо ибораи Европаи «дигар» маълум месозад. Рафти модернизатсияи Россия, Туркия, Япония дар замони баъдиҷангӣ дар монография бо истифодаи методҳои таърихиву муқоисавӣ таҳлил ёфтааст,

---

[1] Ниг.: Гавров, С. Н. Модернизация во имя империи. Социокультурные аспекты модернизационных процессов в России [Текст] / С.Н. Гавров. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 352 с.

[2] Ниг.: Гавров, С.Н. Модернизация России: постимперский транзит [Текст] / С.Н. Гавров. – М.: МГУДТ, 2010. – 269 с.

ки барои муҳаққиқон хело ҷолиб мебошад.[1] Китоби дигари В.Г. Федотова «Модернизатсия ва фарҳанг» рафти модернизатсияи европоӣ, модернизатсияи босуръати кишварҳои ғайриғарбӣ ва хусусиятҳои милливу фарҳангии модернизатсияи кишварҳоро дар ибтидои асри XXI дар бар мегирад. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки дар ибтидои асри XXI кишварҳо дар раванди модерникунонӣ бештар ба арзишҳои миллии худ такя мекунанд ва он маънои муосиршавии тарҳи европоиро надошта, балки шакли такмилёфтаи модернизатсия бо хосияти омехташавии омилҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад;[2]

– асарҳое, ки ба масъалаҳои алоҳидаи таъсисёбии ҷомеаи муосир, ба мисли ташаккули режими демократӣ ва масъалаи ҳокимияти халқӣ марбутанд. Ба онҳо рисолаҳои А. Турен, С. Хантингтон, Ҷ. Шарп, Ш.Н. Эйзенштадт, Ч.Ф Эндрейн тааллуқ доранд.[3] Ба ин қисмат рисолаҳое, ки ба масъалаи таъсиси институтҳои сиёсӣ, иштироки сиёсӣ, бӯҳронҳо ва зиддиятҳои сиёсӣ дар раванди модернизатсия дохил мешаванд. Дар ин ҷо тадқиқотҳои Р. Дарендорф, В. Елизаров, А.П. Манченко, В.С. Мартянов, Г.О' Доннел, Д.А. Ростау, А. Токвилл, Ф. Шмиттер, И. Шумпетер ворид шуданд.[4]

---

[1] Ниг.: Федотова, В.Г. Модернизация «другой» Европы [Текст] / В.Г. Федотова. – М., 1997. – 253 с.;

[2] Ниг.: Федотова, В.Г. Модернизация и культура [Текст] / В.Г. Федотова. – М., 2016. – 336 с.

[3] Ниг.: Турен, А. Способны ли мы жить вместе? Равные и различные [Текст] / А.Турен // Новая постиндустриальная волна на Западе. – М., 1999. – С. 465-491; Хантингтон, С. Будущее демократического процесса: от экспансии к консолидации / [Текст] С. Хантингтон. // Мировая экономика и международные отношения. – 1995, № 6. – С. 90-103; Боз вай. Третья волна. Демократизация в конце XX века [Текст] / С.Хантингтон. – М., 2003. – 365 с.; Боз вай. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности [Текст] / С. Хантингтон. – М.: АСТ, 2008. – 635 с.; Шарп, Дж. От диктатуры к демократии: Стратегия и тактика освобождения [Текст] / Пер. с англ. Н. Козловской / Дж. Шарп. М.: Новое издательство, 2005. – 84 с.; Эйзенштадт, Ш. Множественность модернизмов в век глобализации [Текст] / Ш. Эйзенштадт. // Глобализация: Контуры XXI века: Реф. сб. / РАН. ИНИОН.; Отд. Восточной Европы. - М., 2002. Ч. 1. – С. 136-145; Боз вай. Революция и преобразование обществ. Сравнительное изучение цивилизаций [Текст] / Ш. Эйзенштадт. – М., 1999. – 416 с.; Эндрейн, Ч.Ф. Сравнительный анализ политических систем. Эффективность осуществления политического курса и социальные преобразования [Текст] / Ч.Ф. Эндрейн. – М., 2000. – 318 с.

[4] Ниг.: Дарендорф, Р. После 1989. Мораль, революция и гражданское общество: Размышления о революции в Европе [Текст] / Р. Дарендорф. – М.,1998. – 271 с.; Елизаров, В. От авторитаризма к демократии: 2 модели [Текст] / В. Елизаров // Pro et contra. На путях к демократии. Т.3, – М., 1998. – С. 98-110; Манченко, А. П. Социальная модернизация в современной России [Текст] /А. П. Манченко. – М., 2000. – 214 с.; Мартьянов, В. С. Глобальный Модерн, постматериальные ценности и периферийный капитализм в России [Текст] / В.С. Мартьянов // Полис. 2014, № 1. – С. 83-98; Боз вай. Модерн продолжается? [Текст] / В.С. Мартьянов // Полис. 2012, № 3. – С. 108-122; О'Доннелл, Г. Модернизация и бюрократический авторитаризм [Текст] / Г. О'Доннелл. – М., 1979. – 178 с.; Ростоу, Д.А. Переходы к демократии: попытка динамической модели [Текст] / Д. А. Ростоу. // Полис. 1996, № 5. – С. 5-15; Токвилль, А. Демократия в Америке [Текст] / А. Токвилль. – М., 1992. – 552 с.; Шмиттер, Ф. Угрозы и дилеммы демократии [Текст] / Ф. Шмиттер // Пределы власти – 1994, № 1. – С. 27-48; Шумпетер, И. Капитализм, социализм и демократия [Текст] / И. Шумпетер. – М., 1995. – 540 с.

– маводҳоеро муттаҳид месозад, ки натиҷаи самараноки рафти моденизатсияро дар кишварҳои олам таҳлил намудаанд. Равандҳо ва масъалаҳои модернизатсияи кишварҳои Ғарб, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Америкаи Лотинӣ ва Осиёи Миёна дар асарҳои И.С. Бегалиев, В.А. Красилшиков, В.М. Мазуров, А. Пшеворский, Ж.С. Сааданбеков, И.А. Толстокулаков, Ф. Толипов, Д. Травин, О. Маргания, Ху Ти мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.[1]

Қисмати чоруми адабиёт, асарҳоеро дар бар мегирад, ки масъалаҳои ташаккули ҷомеаи маданӣ ва баҳамтаъсиррасонии институтҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоиро дар раванди модернизатсия матраҳ месозанд. Шомили ин гурӯҳ асарҳои К.С. Гаҷиев, В.В. Гриб, В.А. Левашов, С.П. Перегудов ва дигарон мебошанд. [2]

Дар раванди тадқиқот асарҳои олимони тоҷик низ истифода гардидаанд, ки ба масъалаҳои равандҳои трансформатсионӣ ва модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуданд, ки гурӯҳи панҷуми адабиёти илмиро ташкил мекунанд.

Асари М. Акмалова «Масъалаҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои махсуси истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рушди Тоҷикистони муосир бахшида шудааст.[3]

---

[1] Ниг.: Бегалиев, И.С. Модернизационные процессы в политической жизни современного Кыргызстана: эволюция модели общественно-политического развития [Текст]: автореф. дисс. … канд. полит. наук / И.С. Бегалиев. – М., 2013. – 23 с.; Красильшиков, В.А. Вдогонку за прошедшим веком. Развитие России в 20 веке с точки зрения мировых модернизаций [Текст] / В.А. Красильшиков В.А. – М., 1998. – 263 с.; Мазуров, В.М. Республика Корея: проблемы и противоречия современного политического развития [Текст] // Корея на рубеже веков / В.М. Мазуров. – М., 2002. – С. 11-50.; Пшеворский, А. Демократия и рынок. Политические и экономические реформы в Восточной Европе и Латинской Америке [Текст] / А. Пшеворский. – М., 1999. – 319 с.; Сааданбеков, Ж.С. Современные политические тенденции в странах Центральной Азии в контексте авторитарной и демократической альтернатив [Текст]: автореф. дисс. … док. полит. наук / Ж.С. Сааданбеков. – Алмааты, 2002. – 50 с.; Толстокулаков, И.А. Политическая модернизация в Республике Корея (194-1987 гг.) [Текст] / И.А. Толстокулаков // Вестник ДВО РАН. – 2005, № 2. – С. 49-64; Толипов, Ф. Демократизм, национализм и регионализм в странах Центральной Азии [Текст] / Ф. Толипов // Центральная Азия и Кавказ. – 2015, № 4 (10). – С. 7-18; Травин, Д. Европейская модернизация. В 2. кн. Кн.1. [Текст] / Д. Травин, О. Маргания. – М. – СПб., 2004. – 572 с.; Ху, Ти. Модернизационные процесы в политической системе Камбоджи [Текст]: автореф. дисс. … канд. полит. наук / Ти. Ху. – Воронеж, 2011. – 24 с.

[2] Ниг.: Гаджиев, К.С. Концепция гражданского общества: идейные основы и основные вехи формирования [Текст] / К.С. Гаджиев // Вопросы философии. – 1991, № 7. – С. 19-35; Гриб, В.В. Взаимодействие органов государственной власти и институтов гражданского общества [Текст] / В.В. Гриб. – М., 2011. – 401 с.; Левашов, В.А. Россия: социальное государство и стратегия устойчивого развития [Текст] / В.А. Левашов // Обозреватель. – 1996, № 8. – С. 104-116; Перегудов, С. П. Гражданское общество как политический феномен [Текст] / С.П. Перегудов // Свободная мысль. – 2014, № 9. – С. 42-56.

[3] Ниг.: Акмалова, М.А. Политические проблемы и специфические особенности государственного суверенитета Республики Таджикистан (монография) [Текст] / М.А. Акмалова. – Худжанд, 2020. – 232 с.

Сиёсатшиноси тоҷик, профессор Г.Н.Зокиров дар асари худ «Минтақаи кӯҳистон. (Таҳқиқоти геополитикӣ)» ба масъалаи инкишофи Тоҷикистон аз нигоҳи вазъи географӣ ва геополитикӣ тавуҷҷуҳ намуда холатҳои мухталифи инкишофи кишварро дар ҷараёни таърихӣ ва замони муосир таҳлил месозад.[1]

Рисолаи доктории муҳаққиқ Ш.Каримов дар мавзуи «Нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: таҳлили сиёсӣ» ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институти меҳварии он, яъне созмонҳои ғайридавлатӣ бахшида шудааст, бешубҳа яке аз унсурҳои ҷомеаи муосир мебошад.[2]

Дар китоби ҷомеашиносони тоҷик С.Олимова ва М.Олимов «Тоҷикистон дар остонаи тағйирот» масъалаҳои ҷомеаи трансформатсионии Тоҷикистон ва дар он ҷой доштани бархурдҳои арзишҳои иқтибосшудаи либералӣ бо арзишҳои анъанавии замони шӯравӣ, тавлид ёфтани унсурҳои нави давлатдорӣ ба мисли ҳизбҳо, низоми интихобӣ, ки плюраллизми сиёсиро дар раванди демократияи навбунёд инъикос менамуданд, тадқиқ гардидаанд. Асари мазкур масъалаҳои модерникунонии кишвар, ташаккули элитаи навсифат, ҳолати буҳронии кишвар, ҳалли низоъ ва ризоияти миллӣ ва дигар масъалаҳои раванди гузаришро ба системаи демократӣ дар бар мегирад.[3]

Муаллифи асарҳои зиёди илмиву оммавӣ профессор А.Ғ.Холиқзода ба монанди «Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккиронифорс-тоҷик)», «Пешво ва оини давлатсозӣ» ва ғайра ба таҳлили рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистони муосир бахшида шудаанд. Муаллиф ба масъалаҳои ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии анъанаҳои шарқӣ ва арзишҳои ҷаҳони муосир дар раванди идоракунӣ, таъсиррасонии вестернизатсияи мутлақ ба ҷараёни ҳаёти ҷомеа андешаҳои худро иброз намудааст.[4]

Муҳаққиқони тоҷик Л.Додхудоева, Х.М.Зиёев, Г.Н.Зокиров, Х.У.Идиев, А.И.Имомов, М.Р.Камолова, Г.М.Майтдинова, З.М.Мадамидҷонова, А.Мамадазимов, А.Маҳмадов, М.Х.Раҳимов, Г.Сайдуллаева, М.У.Хидирова, С.И.Шарипов ва дигарон дар асарҳои худ унсурҳои

---

[1] Ниг.: Зокиров, Г.Н. Минтақаи кӯҳистон. (Таҳқиқоти геополитикӣ) [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2016. – 152 с.

[2] Каримов, Ш.Т. Роль неправительственных организаций в формировании гражданского общества в Таджикистане: политологический анализ [Текст]: дис. … док. полит. наук / Ш.Т. Каримов. – Душанбе, 2015. – 287 с.

[3] Олимова, С.Таджикистан на пороге перемен [Текст] / С.Олимова, М.Олимов. – М., 1999. – 167 с.;

[4] Холиқзода, А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккиронифорс-тоҷик) [Матн] / А.Ғ. Холиқзода. – Душанбе; Эр-граф, 2017. – 400 с.; Боз вай. Пешво ва оини давлатсозӣ [Матн] / А.Ғ. Холиқзода. – Душанбе: МН «Дониш», 2021. – 472 с.

алоҳидаи раванди сиёсии Тоҷикистони муосирро таҳлил намуда, андешаҳоро иброз доштанд.[1]

**Объекти тадқиқот** дар асоси таҳлили тағйирпазирии системаи сиёсӣ маълум намудани заминаҳои ташаккул, масъалаҳои фарогирӣ ва натиҷаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети тадқиқот** баррасии модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун омиле, ки бо мақсади ташаккули ҷомеаи муосир ба системаи сиёсӣ таъсир расонида, онро дигаргун месозад, муайян кардани нақши давлат ва ҷомеаи маданӣ дар марҳилаи тағйирпазирии рушди Тоҷикистон мебошад.

**Мақсади тадқиқот.** Ҳадафи асосии тадқиқи рисола таҳлили ҳамаҷониба ва комплексӣ, баррасӣ намудани мақом ва нақши модернизатсияи сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи мутаносиб ва муътадили системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳои эътимодбахш вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– тавсиф намудан ва маълум сохтани асосҳои методологии таҳқиқи масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ, таҳлили консепсияҳои асосии назарияи модернизатсияи сиёсӣ, муайян намудани самтҳои асосии инкишофи ҷомеаи муосир роҷеъ ба таҳлили асосҳои методологии таълимоти модернизатсияи сиёсӣ;

---

[1] Ниг.: Додхудоева, Л. Эволюция религиозности в Таджикистане в контексте взаимодействия традиции и современности [Текст] // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане / Л. Додхудоева. – Душанбе, 2010. – С. 34-38; Зиёев, Х.М. Традиции и право (философский и юридико-антропологический анализ на примере Таджикистана) [Текст] / ХМ. Зиёев. – Душанбе: Эҷод, 2009, – 144 с.; Боз вай. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н.Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 352 с.; Идиев, Х.У. Традиции инновации в контексте изменения общественной жизни современного Таджикистана [Текст] / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 120 с.; Имомов, А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане / А.И. Имомов. – Душанбе, 2003. – 363 с.; Камолова, М.Р. Процесс выборов и их особенности в Республике Таджикистан [Текст] / М.Р. Камолова. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 176 с.; Майтдинова, Г.М. Четверть века суверенному Таджикистану: становление государственности, идеология, национальные интересы, безопасность [Текст] // Национальные интересы и политика безопасности государств Центральной Евразии в условиях геополитических перемен / Г.М.Майтдинова. – Душанбе, 2016; Мадамиджанова, З. М. Традиционное общество таджиков: особенности процесса модернизации [Текст] // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане / З.М. Мадамиджанова. – Душанбе, 2010. – С. 28-33; Мамадазимов, А. Новый Таджикистан-вопросы становления суверенитета. [Текст] / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 179 с.; Маҳмадов, А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 110 с.; Рахимов, М. Х. Демократические процессы сквозь призму традиционной таджикской ментальности [Текст] // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане / М.Х. Рахимов. – Душанбе, 2010. – С. 112-114; Сайдуллаева, Г. Трансформация традиционной политической элиты Таджикистана в условиях перехода к демократии [Текст] // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане / Г. Сайдуллаева. – Душанбе, 2010. – С.77-87; Хидирова, М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дис. … док. филос. наук / М.У. Хидирова. – Душанбе, 2009. – 40 с.; Шарипов, С.И. Демократизация политических процессов в Таджикистане [Текст]: дисс. ... док. полит. наук / С.И. Шарипов. – Душанбе, 2001. – 310 с.

– тадқиқи равандҳои модернизатсионӣ, рафт, рушд ва таҳкими он, таҳлили махсусиятҳои раванди модернизатсионии кишварҳои мухталиф, маълум намудани аҳамият ва муҳимияти дигаргуниҳои сиёсӣ дар рафти рушди босуботи муносибатҳои ҷамъиятӣ;

– таҳлили мақоми модернизатсияи сиёсӣ дар раванди самаранокгардонии ҷомеаи гузариш, баррасии омилҳое, ки ба самаранокии низоми сиёсию маъмурӣ, ташаккули шаклҳои идоракунии демократӣ ва амалишавии қарорҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд;

– муайян намудани махсусиятҳои модернизатсияи сиёсӣ ва майлонҳои рушди ҷомеаи навташкил, ошкор сохтани сарчашмаҳо, сабабҳои муваффақият ва нокомиҳо дар рафти амалишавии самтҳои модернизатсия дар таҷрибаи кишварҳои муосир, муаяйн намудани тамоюлҳои рушди ҷомеаи навташкил, таҳлили омилҳои асосии вазъи буҳронӣ, маълум сохтани сабабҳои номуътадилии инкишоф дар ибтидои равандҳои модернизатсионӣ ва ошкор сохтани механизмҳои самараноки муътадилсозии шароит ва бартарафсозии низоъ ва буҳронҳо;

– шаҳри заминаҳои ташаккул ва инкишофи модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани хусусиятҳои зуҳуроти он, ошкор сохтани аҳамияти воқеият ёфтани он, марҳилаҳо ва вазифаҳои ҳадафҳои модернизатсия, маълум намудани махсусиятҳои зуҳуроти модернизатсия ва таъсиррасонии онҳо ба коркарди асосҳои тағйирпазирии ҷомеаи тоҷикистонӣ, таҳлили хусусиятҳоиислоҳоти системаи сиёсӣ пайваста бо вазъи сиёсии муосир, муайян намудани зарурати қабули қарорҳои сиёсӣ баҳри нигаҳдории самаранокӣ ва муътадилии инкишофи ҷомеа;

– муайян намудани хусусиятҳои баҳамтаъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили тамоюлҳо ва қонуниятҳои баҳамтаъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди ташаккули системаи сиёсии муосири кишвар, баррасии шаклҳои иштироки ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар раванди модернизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ баҳри пешгирӣ ва ҳалли низоъ ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– маълум сохтани мақом ва нақши равандҳои модернизатсионӣ дар низоми мутақобилаи давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи маданӣ, ки аз нигоҳи сохторӣ имкониятҳои ҳар ду субъектро фаъол гардонида, яке нисбати дигар дар мухолифат қарор дошта, баҳри бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва пайдо гардидани тамоюлҳои авторитарӣ дар инкишофи системаи сиёсӣ монеаҳо эҷод месозад, таҳқиқи тавозуни манфиатҳои субъектҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди фаъолгарии зиддиятҳо дар раванди модернизатсионӣ;

– тавсифи сабабҳои асосӣ ва оқибатҳои бухронии модернизатсияи сиёсӣ, таваҷҷуҳ намудан ба таҳдидҳо ва оқибатҳои марҳилаҳои модернизатсия, ошкор сохтани зиддиятҳо ва самтҳои асосии модернизатсияи системаи сиёсии ҷомеа;

– пешгӯи намудани зуҳури равандҳои модернизатсионии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, муайян намудани имконияти инкишоф ва ташаккули ҷомеаи муосир дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо системаи сиёсии хоси он.

**Навгонии илмии тадқиқот** бо ҳалли вазифаҳои зерин муайян мегардад.

1. Ошкор гардидани асосҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ, таҳлили консепсияҳои пешбурди назарияи модернизатсияи сиёсӣ, маълум гаштани самтҳои асосии инкишофи ҷомеаи муосир.

2. Тадқиқ гардидани равандҳои модернизатсионӣ, ташаккул ва инкишофи он, таҳлили махсусиятҳои модернизатсияи системаҳои мухталифи сиёсӣ.

3. Таҳлили мақоми модернизатсияи сиёсӣ дар низоми самаранокии ҷомеаҳои гузаришӣ, баррасӣ гардидани омилҳое, ки ба самаранокии системаи сиёсӣ ва амалишавии қарорҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд.

4. Муайян гардидани махсусиятҳои модернизатсияи сиёсӣ ва тамоюлҳои инкишофи ҷомеаи муосир, ошкор гардидани омилҳои таъсиррасони модернизатсионӣ дар таҷрибаи кишварҳои муосир, таҳлили сабабҳои асосии рух додани бухронҳои модернизатсионӣ дар раванди амалишавии муносибатҳои навин, ошкор намудани роҳҳо ва воситаҳои чораҳои самаранок баҳри муътадилсозии шароит ва бартарафсозии моҷароҳо ва муқовиматҳо, пешниҳод гардидани тавсияҳо оид ба истифодаи тарзҳои алтернативии инкишофи кишварҳои муосир.

5. Баррасӣ гардидани заминаҳои ташаккул ва махсусиятҳои инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои инкишофи системаи сиёсӣ, марҳилаҳо, вазифаҳо ва мақсадҳои модернизатсионӣ, ошкор гардидани аҳамияти дигаргуниҳои сиёсӣ ва таъсири он ба коркарди асосҳои модернизатсионии ҷомеа.

6. Нишон додани сабабҳо ва натиҷаҳои ҳолатҳои бухронии модернизатсияи сиёсӣ, таваҷҷуҳи махсус ба таҳдидҳо ва натиҷаҳои давраҳои инкишофи модернизатсионӣ, баррасӣ гардидани зиддиятҳои асосӣ ва самтҳои модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Муайян намудани мақом ва нақши равандҳои модернизатсионӣ дар низоми ҳамбастагии робитаи давлати муосир ва ҷомеаи маданӣ дар маънои амалишавии уҳдадории тарафайн, ки имконияти фаъолсозии мавқеи ҳар ду

ҷонибро муҳайё месозад ва кӯшиши онҳо баҳри бартарафсозии зиддиятҳо ва воқеият ёфтани майлонҳои авторитарӣ дар системаи сиёсӣ.

8. Тавсифи хусусиятҳои баҳамтаъсиррасонии давлати иҷтимоӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва дар раванди модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили шаклҳои иштироки акторҳои ҷомеаи маданӣ дар равандҳои модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти касбии онҳо.

9. Пешгӯӣ шудани равандҳои модернизатсионии ҷомеаи муосир бо мақсади ошкор кардани имкониятҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани ташаккул ва инкишофи ҷомеаи муосири хоси системаи сиёсии Тоҷикистон.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Андешаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод мегардад, ки мазмуну муҳтавои аниқ ва дурусти нававарии илмиро ошкор сохта, дар рисола моҳияти илмии онҳоро муттаҳид мекунад.

1. Мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» яке аз категорияҳои асосии илми сиёсӣ ҳисобида мешавад. Аз рӯи хосият он падидаи амалкунанда ва муттаҳидсозанда буда, аҳамияти хосаро дар таҳлили масъалаҳои гуногунҷабҳа ва умумӣ дорад ва имкони муайян сохтани моҳият ва маълум намудани самтҳои асосии рушди воқеияти сиёсиро пайдо мекунад. Новобаста аз ҳолати мазкур дар илми сиёсӣ тафсири ягонаи мафҳум ҷой надорад. Чунин ҳолат ба мутахассисон имкони интихоби озоди истифодаи мафҳумро баҳри маълумсозии раванди тадқиқи шаклҳои амалигардии модернизатсияи сиёсӣ дар ин ё он кишвари алоҳида муҳайё месозад. Аз ҳамин сабаб истифодаи мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» роҷеъ ба дигаргуниҳои сиёсии Тоҷикистони интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI хело бамаврид аст. Зеро мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» дар доираи илмии Тоҷикистон категорияи нисбатан нав, таҳлилнагардида ба ҳисоб рафта, дар байни мардум ва шуури ҷамъиятӣ ба таври васеъ паҳн нашудааст.

2. Тавсифи модернизатсия ҳамчун намунаи илмӣ дар таҳлили тағйирпазирии системаи сиёсӣ истифода мегардад. Муайян намудани асосҳои методологӣ, воситаҳои худташаккулёбӣ ва самаранокии он чун раванди таърихӣ фаҳмида мешавад, ки дар худ маҷмӯи ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ифода менамояд, ки аз асри XVII то қарни XX дар кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ паҳн гардида, баъдан дар асрҳои XIX ва XX дар минтақаҳои дигари олам идома ёфтанд. Кишварҳои тозаистиқлол дар ҷустуҷӯи роҳи навини инкишоф ба раванди фарогирии модернизатсионӣ ҳамроҳ гардиданд, ки аз ҷумла Тоҷикистон низ ба он қатор дохил мешавад.

3. Дар навбати ошкор сохтани фаҳми масъалаҳои методологии

тадқиқи модернизатсияи сиёсӣ зарурат ба маълум сохтани ибораҳои нисбатан ҳаммаъонои он бармеояд, ба мисли «инкишофи сиёсӣ», «таҳаввулоти сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва ғайра. Таваҷҷуҳи зиёдро ба равандҳои модернизатсионии кишварҳои мухталифи олам равона карда, бояд қайд намуд, ки мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» ҳамчун падидаи илмиву амалӣ бештар ба комёбиҳои кишварҳои Ғарб мутааллиқ аст. Аз нуқтаи назари истифодаи амалӣ тарҳи классикии модернизатсияи сиёсӣ дар кишварҳое, ки дар раванди модернизатсионӣ қарор доранд, истифода нахоҳад шуд. Аз ҳамин сабаб зарур аст, ки нишонаҳо ва омилҳои раванди гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир сарҷамъ гардида, дар шароити инкишофи кунунӣ истифода шаванд.

4. Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои таҳлили равандҳое, ки гуногунҷабҳагии давраҳои шикасти системаи сиёсиро инъикос намуда хосияти баръаксро соҳибанд, яке аз масъалаҳои муҳими тадқиқоти илмӣ ҳисобида мешавад. Бо чунин объектҳои тадқиқ муаллиф дар мавриди истифодаи таҳлили шаклҳо ва давраҳои умумии инкишофи ҷамъиятӣ, дар раванди гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир сарукор дорад. Дар баробари таҳлили ташаккул ва инкишофи раванди модернизатсионӣ лозим аст, ки роҳҳо, воситаҳо, самтҳо ва масъалаҳои такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ дар раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба муосир ҳамаҷониба тадқиқ шаванд.

5. Бешубҳа, баррасии махсусиятҳои модернизатсияи сиёсӣ, пеш аз ҳама, аз ҳолати тадқиқи тамоюлҳои рушди ҷомеаи навташкил бармеояд, ки заминаи асосиро бахри гулгуншукуфии бардавоми кишварҳои муосир омода месозад. Таҳлили самтҳои инкишоф ва натиҷаи комёбиҳои ҳадафҳои модернизатсионии кишварҳои муосир бояд бо назардошти муқоисаи хусусиятҳои сифатии омилҳои модернизатсионӣ, ба монанди ҷой доштани системаи оқилонаи сиёсиву маъмурӣ, самаранокии ҳокимият ва баамалбароии қарорҳои сиёсӣ, самаранокгардонии системаи сиёсӣ, таъсиси шаклҳои демократии идоракунӣ амалӣ гардад. Нишондодҳои асосии таҳлили илмӣ, омӯзиши равандҳои мушаххас, ки бо қабули қарорҳои сиёсӣ алоқамандӣ доранд, аз амалиётҳои демократӣ роҷеъ ба муносибатҳои нави демократӣ ва афзалиятҳо дар инкишофи ҷамъиятӣ бармеоянд, тадқиқи онҳо ба илмҳои сиёсӣ унсурҳо ва категорияҳои навро ворид сохтаанд.

6. Махсусияти модернизатсияи системаи сиёсӣ бо дигаргуниҳои сиёсии даҳсолаҳои охир сипарӣ гардиданд, ҳамқадам мебошад. Дар ин давра дар кишварҳои собиқи советӣ масъалаи ташкили ҳокимияти легитимӣ, ҷомеаи маданӣ, ҳимояи моликияти хусусӣ ва риоя намудани ҳуқуқҳои инсон чун унсури талаботҳои замонавӣ баромад намуда, баркароршавии он моҳияти навро соҳиб гаштааст. Ин равандҳои мураккабу мутақобила модернизатсияи системаи сиёсии кишварҳои фазои баъдисоветиро тезонид ва дар он акси глобаликунонии раванди ҷаҳонӣ бо ҳамаи

унсурҳои мусбиву манфӣ таҷассум ёфт.

7. Нусхабардории идоракунии европоӣ аз ҷониби давлатҳои Ҷанубу Шарқии Осиё қобили таваҷҷуҳ аст. Дар тафовут бо ҷомеаҳои ғарбӣ дар ин ҷо ҳуқуқи аксарият маънои ҳимояи ҳуқуқи ақаллиятро надорад, балки дар ҳолати табаддулотҳо аксарият имкони маҳрум сохтани ҳуқуқи ақаллиятро пайдо мекунад. Равандҳои модернизатсиониро дар ин кишварҳо танҳо бо мувофиқоӣ ба принсипҳои демократияи либералӣ дар фаҳми классикии он баҳогузорӣ кардан мумкин нест. Балки зарурати мушаххасгардонии он бо ҳамоҳангии воқеияти сиёсӣ ба миён меояд, ки дорои махсусиятҳои таърихӣ ва тамаддунӣ буда, ченаки инкишофро бо давраи «тодемократӣ» андоза менамояд.

8. Бухронҳои модернизатсионӣ бо мурури замон тезутунд гардида, вазъи кишварро муташанниҷ месозанд ва ба тағйири системаи сиёсӣ меоранд, ки сохтори сиёсиро ба таври куллӣ тағйир медиҳад. Сабабҳо ва натиҷаҳои ҳолатҳои бухронӣ дар бештари кишварҳои тозаистиқлол дар раванди гузаришӣ метавонад, боиси таҳдиди баъдинаи фаъолияти ҳамаҷонибаи системаи сиёсӣ ё умуман, дар баъзе мавридҳо аз байн рафтани низоми давлатдорӣ гардад. Барои кишварҳое, ки ба бухронҳои сиёсии модернизатсионӣ рӯ ба рӯ гаштанд ва таъсири манфӣ дидаанд, истифодаи тамоюли ретрадитсионаликунонӣ, яъне баргаштан ба ҳолати анъанавии инкишоф зарур аст. Раванди ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии рушди кишварҳо ба таври пурра матраҳ нагаштаанд, тарҳи инкишофи ниҳоӣ дар таҷрибаи кишварҳо вуҷуд надорад ва тарҳи босамар ба коркард ниёз дорад.

9. Тадқиқи масъалаҳои равандҳои модернизатсионӣ дар шароити Тоҷикистон аҳамияти илмиву назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ин сабаб, баррасӣ ва омӯзиши гуногунҷабҳаи омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки ба рушди ҷомеа таъсир мерасонанд, қонунияти илмиро соҳиб мегарданд. Зарур аст, ки таҳлили ин масъалаи мақсаднок бо масъалаҳои назариявӣ, пеш аз ҳама, бо таҳқиқи марҳилаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар таърихи сиёсии Тоҷикистони муосир, ба монанди эълон гардидани соҳибихтиёрии миллӣ, дарёфти роҳҳо ва воситаҳои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, муайян намудани мақом ва нақши кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ оғоз ёбад. Дар раванди таҳлил инчунин моҳияти ҷараёни дигаргуниҳо дар ҷомеаи трансформатсионии тоҷикистонӣ ошкор мегардад, ки бо бухронҳои инкишофи сиёсӣ, ба мисли бухрони легитимияти ҳокимият, бухрони институтсионалӣ ва бухрони иштироки сиёсӣ алоқаманд мебошад.

10. Нигарон аст, ки ҷомеаи муосир ҳамаъноӣ ҷомеаи маданӣ мебошад. Бинобар ин, ташаккули давлатдории муосир дар Тоҷикистон бе иштироки унсурҳои гуногуни ҷомеаи маданӣ қобили қабул нест. Маҷмӯи муносибатҳои байнишахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятию иқтисодӣ, маданӣ, динӣ ва ғайра, ки берун аз тобеияти давлат ва бе дахолати он инкишоф ёфта, барои

худамалишавии одамон шароит фароҳам меорад, чун ҷомеаи маданӣ қабул мегардад. Робитаи байниҳамдигарӣ ва воқеияти ҷомеаи маданӣ ва давлати муосир на танҳо аён аст, балки ба таври саҳеҳ ва пурра дар шаклҳои иштироки ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар раванди модернизатсияи системаи сиёсӣ интишор мегардад. Инчунин дигаргуниҳои ҷамъиятии мазкур самараи равандҳои сиёсӣ мебошанд, ки ҳамчун кафили муътадилии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

11. Ташаккули давлати демократӣ ва бунёди ҷомеаи маданӣ дар Тоҷикистон дар ҳамбастагии институтҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ба миён меояд. Дар ин маврид масъалаи тадқиқи механизмҳои баҳамтаъсиррасонии институтҳои давлатӣ аз лиҳози ҳокимиятҳои қонунбарору иҷроя ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, ба мисли ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, хосияти рӯзмарраро пайдо мекунанд. Дар рафти баррасӣ намудани хусусиятҳои ҳамбастагии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ ба раванди модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақом ва нақши онҳо дар ташаккули ҷомеаи муосир тавсиф мегардад.

12. Воситаҳо ва роҳҳои баҳамтаъсиррасонии самаранок ва ҳамбастагии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлат ва ҳамоҳангии онҳо дар раванди демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд дар самтҳои зерин рушд ёбад: имконияти ба шаҳрвандон фароҳам сохтани иштирок дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ва дар ин замина ташаккули ҳуввияти сиёсӣ; амалӣ намудани талаботҳои қонунии худ дар рафти қабул ва арзёбии қарорҳои стратегии ҳукумат ва раванди амалишавии онҳо; иштирок намудан дар барномаҳои иҷтимоии кишвар ва ғайра. Дар шароити инкишофи демократӣ ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ нақши асосиро дар субот ва самаранокии раванди модернизатсионӣ тақвият мебахшанд.

13. Ҷараёни амалигардии самтҳои тағйирпазирии инкишофи Тоҷикистон, ки ба сарҳадоти модернизатсия ворид шудааст ва бо ҷой доштани ҳолати давраи пас аз низоъ, барқароркунии сулҳу субот ва муътадилии инкишоф аз дараҷаи ҷалбсозии шаҳрвандон ва иштироки онҳо дар самтҳои фаъоли ташаккули ҷомеаи маданӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи муосир вобаста мебошанд. Дарки ҳамаи ин пешрафтҳои иҷтимоӣ барои ҷомеа муқарарроти тақдирсозро дар раванди гузариш ба ҷомеаи муосир, вазъи шаҳрвандӣ ва демократия муҳайё месозад.

**Аҳамияти назариявию методологӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Тадқиқи раванди сиёсии давраи навини инкишофи сиёсии Тоҷикистон бо дарки майлонҳои ҳолати муосири ҷомеа оғоз меёбад, ки бешубҳа бо қонуниятҳои умумии рушди ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир вазифаи таърихии худро собит намуда, чун майлони умумиҷамъиятӣ дар мазмуни сиёсӣ баромад мекунад. Бинобар ин, донистани қонуниятҳои умумииҷтимоӣ, ки аз ҷониби

ҷомеашиносии муосир матраҳ шудаанд, заминаи назариявиро устувор гардонида, барои фаҳми объективии масъалаҳо ёрӣ мерасонад.

Хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои дар рисола дарҷгардида барои дуруст ва ҳаматарафа фаҳмидани моҳият ва махсусиятҳои равандҳои модернизатсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ имконияти ошкор гардидани махсусиятҳои амалигардии раванди модернизатсионӣ, истифодаи таҷрибаи сиёсӣ, ки либоси илмиро ба худ пӯшида, метавонад барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад, хеле муҳим аст.

Аз мавқеи истифодаи методҳои тадқиқот дар илми сиёсӣ самти махсус барои тадқиқи қонунҳои умумиҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки қонуниятҳоро дар раванди инкишофи таърихӣ дар шароитҳои мухталиф ва дар фазо ва вақт муайян мекунанд. Асосҳои методологии тадқиқотро тарзу муносибати назариявию амалӣ ба масъала ташкил менамояд, ки дар сатҳи гуногун зоҳир мегардад. Муносибати методологӣ дар доираи истифодаи муносибатҳои илмӣ (консептуалӣ, системавию сохторӣ, меъёрию арзишӣ) ва методҳои умумиилмӣ (таърихӣ, сотсиологӣ) ва методҳои таҳқиқи сиёсӣ (таҳлили танқидӣ, эмпирикӣ, бихевиористӣ, муқоисавӣ ва ғайра) ба амал баровавда шудааст.

Аҳамияти илмии рисола бо истифодаи асарҳои олимон роҷеъ ба тарафҳои гуногуни масъала пайваста ба сиёсат, ҷомеа, таърих, ҳуқуқ, дин ва фарҳанг, ки дар раванди омӯзиш қарор доштанд, вобаста мебошад. Қонунҳо ва санадҳои зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмиллалӣ, ки ба мавзӯъ пайвастагии ногусастанӣ доранд, дар назари муҳаққиқ мақоми махсусро пайдо намуда, дар рафти таълифи рисола истифода шуданд.

Моҳияти амалии тадқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурӣ пайваст аст. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд дар коркард ва амалигардонии тарҳҳои рушди ҷомеаи муосир, мукаммалгардии таҷрибаи баамалбарории ислоҳоти сиёсӣ, ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба раванди қонунофаринии ҷумҳурӣ ва инчунин ба таври самаранок дар раванди таълим, хусусан таълими фанҳои ҷамъиятӣ, ба монанди сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи навтарин, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таълими фанҳои тахассусӣ, ба мисли модернизатсияи сиёсӣ, глобалистикаи сиёсӣ ва курсҳои махсуси таълимӣ истифода гарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–тадқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии

муаллиф дар таҳлили равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони тағйирпазирии сиёсии ҷомеа аз низоми пешина ба ҷомеаи демократӣ хело ҷолиб ва асоснокгардида мебошад, зеро мақоми асосии ғояи илмии муаллиф бо амиқ намудани тарҳи инкишофи сиёсии кишвар алоқаманд аст.

Масъалаи меҳварии тадқиқот муайян намудани ҳолати рушди сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки дар раванди ҷараёнҳои глобалишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва махсусан, муносибатҳои сиёсӣ тарҳи ба худ муайяни инкишофро пайдо намуда, барои субот ва амнияти кишвар роҳандозӣ мешавад. Дар ин самт нақши андешаҳои унвонҷӯй хосияти илмиро пайдо мекунанд ва истифодаи воқеъбинона ва амалишаванда доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (ба шарҳ ва соҳаи тадқиқот).** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат дорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳо дар кори илмии мазкур дар шаш монография ва зиёда аз 44 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои тадқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Масъалаҳои рӯзмарра ва хулосаҳои тадқиқот дар маводҳои конференсия ва семинарҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба мисли «Особенности политической модернизации, как главного направления государственного управления» // Проблемы модернизации современного Российского государства / VIII Всемирная научно-практическая конференция. Республика Башкортостан, г. Стерлитамак, 23-24 мая 2019; «Особенности модернизации политической системы государств постсоветского пространства» // International scientific review of the Problems of law, sociology and Political science / collection of scientific articles. XIII International correspondence scientific specialized conference (Boston, USA, february 27-28, 2020); Проблемы политической модернизации Республики Таджикистан // XV научно - практическая конференция «Научные исследования: ключевые проблемы III тысячелетия». Москва, 23-24 апреля 2017; «Традиция как доминирующий фактор развития современного общества» // Третья международная научная конференция на тему: «Диалог двух культур Востока и Запада через призму единства и многообразия: древний мир, средневековье, новое и новейшее время». Алматы, 23 мая 2018; «Терроризм чун омили зидди модернизатсионӣ» // Конфренсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Терроризм ва роҳҳои ташаккули он дар замони муосир» // Душанбе, 12-13-уми январи соли 2016; «Ҳамоҳангии моделҳои гуногуни модернизатсия дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир» //Конфренсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои муҳимтарини инкишофи

сиёсии кишвар» // Душанбе, 25-уми октябри соли 2012; «Шаҳр ҳамчун омили замонашавии (модернизатсионии) ҷомеа» //Конференсияи ҷумҳуравии илмию амалӣ дар мавзуи «Урбанизатсия (шаҳришавӣ) ҳамчун омили азнавсозии ҷомеаи Тоҷикистон». Душанбе, 12 декабри соли 2019 моҳияти илмии худро ошкор намуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, нуҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 318 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Дар муққадима аҳамияти мавзуъ, дараҷаи коркарди илмии проблемаи тадқиқот, обект ва предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгонии илмии тадқиқот, ҳолатҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию методологӣ ва илмии тадқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шуданд.

Дар боби якум – «**Асосҳои назариявию методологии тадқиқи модернизатсияи системаи сиёсии ҷомеаи гузаришӣ»,** ки аз се зербоб иборат мебошад, муносибатҳои илмӣ оид ба фаҳми моҳияти раванди модернизатсияи ҷомеаи муосир таҳлил ёфтанд ва консепсияҳои асосии модернизатсияи сиёсӣ баррасӣ гардидаанд, ки дарки ҳамаҷонибаи дурнамои онро маълум месозанд.

Дар зербоби аввал – **«Асосҳои назариявию методологии тадқиқи масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ»** дар асоси муносибати илмӣ мафҳумҳои «модерн», «модернизатсия», «постмодернизатсия» таҳлил шудаанд, ки бешубҳа инъикосгари ҳолати инкишофи ҷомеа мебошанд.

Мафҳуми «модернизатсия» нисбати тағйирпазирии иҷтимоиву сиёсии раванди гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи кушод фаҳмида мешавад, ки ба ҳолатҳои дигаршавии низоми воқеӣ ба таври самаранок таъсир мерасонад. Ин гуна муносибат заминаи назариявии масъаларо фаро гирифта, чун анъана таҳлили тағйирпазирии сиёсии кишварҳои ғарбиро дар асрҳои XVIII-XX дар бар мегирад. Бинобар ин, дар мавриди тадқиқи масъалаи инкишофи сиёсӣ дар назарияи умумиҷтимоӣ (асосҳои методологии он аз ҷониби Ф.Теннис, М.Вебер таҳия шуданд) ду шакли ҷомеа маълум мешавад: ҷомеаи анъанавӣ ва ҷомеаи муосир.

Мафҳуми «модернизатсия» дар илми сиёсӣ махсусиятҳоро соҳиб аст. Модернизатсияи сиёсӣ чун тағйирпазирии намунаҳои ҷомеаи анъанавӣ ба намунаҳои ҷомеаи муосир дар макон ва замони гуногуни сиёсӣ ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Ё модернизатсияи сиёсӣ чун гузариш аз «ҷомеи пӯшида» ба «ҷомеаи кушод», аз низоми барҷомондаи дер мутобиқшаванда ба олами беруна, ба низоми ташаккулёбандаи тарҳи рушдёфта мебошад, ки чун

ҳолати намуна – модернизатсия қабул гардидааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки мафҳуми «модернизатсия» дар ҷомеаи анъанавӣ бегона гаштани намунаҳои пешин ва ворид кардани навоварӣ мебошад. Он чун «модерн» баромад мекунад. Зарурат надорад, ки он мантиқан пайдарпай ва бо суръати муътадил ба мисли Европаи Ғарбӣ сурат гирад. Вай метавонад ба таври босуръат ё дарозмуддат ҷорӣ гардида, бе натиҷа ва беохир бошад.

Дар муайян намудани асосҳои методологии омӯзиши модернизатсияи сиёсӣ саҳми олимон Ф.Тенис, М.Вебер, Т.Парсонс калон аст. М.Вебер дар ташаккули назарияи модернизатсияи сиёсӣ таъсири зиёде дошт, лекин он ин мафҳумро истифода накардааст. Ӯ манбаи асосии ташаккули нақши бюрократияро ҳамчун раванди модернизатсия, ки чун омили «ратсионали»-и идоракунии ҷомеа баромад мекард, кашф сохт. М.Вебер андеша дошт, ки ҳамаи раванди тағйирпазирӣ, ки дар ҷомеа амалӣ мешавад, хоҳу нохоҳ таъсири оғози оқилонаи инкишоф аст. Ба қавли дигар дар ибтидои ташаккули ҷомеа хусусиятҳои оқилонаи идоракунӣ ба назар намерасид, зеро одамон қобилияти баҳогузории рафтори худро ба воситаи тафаккур ба инобат нагирифта бо ҳар гуна роҳҳо онро дуруст меҳисобиданд. Бо мурури замон натиҷаи инкишофи ҷомеа ин муносибатро бо муносибати оқилона иваз менамояд.

Муаллиф дар мавриди таҳлили асосҳои методологии назарияи модернизатсияи сиёсӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онро бо таълимотҳои дигар, ба мисли марксизм муайян мекунад, ки чун имкониятҳои маълумкунанда баромад мекунанд. Дар диссертатсия тарзҳои фаҳмиши мухталифи модернизатсияи сиёсӣ оварда шуданд, ки моҳияти гуногунҷабҳагии онро исбот мекунанд: ҳамчун кӯшиши давлат ва системаи сиёсии ҷомеа, ки чандон инкишоф наёфтаанд ва ба ҷомеаи мутамаддин расидани онҳо (Г.Н.Зокиров); модернизатсияи системаи сиёсие, ки «аз боло» аз ҷониби элита ба ҷомеа ҳамчун навовариҳои пешқадам бор карда мешавад (А.С. Панарин); ҳамчун масъалаи ҳаётӣ ва фарҳангӣ (Б.Г.Капустин); ба сифати синоними ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоии замоне, ки ҷомеа ба пеш ҳаракат мекунад, фаҳмида мешавад (П. Штомпка).

Масъалаи инкишофи сиёсӣ бо назардошти равияҳои гуногуни илмӣ ҷонибдори талаботҳои дар субот нигоҳ доштани ҷомеаро дорад, ки дар равияҳои консерваторӣ, либералӣ ва полиархия зоҳир мешаванд. Ҷараёни консерваторӣ ҷой доштани тартибот ва ҳокимияти қудратмандро дар рафти модернизатсия зарур медонад. Равияи либералӣ ҷонибдори фаъолнокии шаҳрвандон дар раванди қабули қарори сиёсӣ мебошад. Полиархия чун шакли ҳокимиятдорӣ аз омезиши ҳар ду замина гирифта, асоси инкишофи иқтисодӣ ва сиёсии кишварро марбут бо равандҳои фаъолнокии мардум ва ҳокимият амалӣ менамояд.

Дар зербоби дуюми боби аввал – «**Равандҳои модернизатсионӣ: ҷараёни ташаккул ва таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ»** мафҳумҳои «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва «модернизатсияи сиёсӣ» ҳамчун ҷараёнҳои гуногун арзёбӣ гардида, айният ва тафовути байни онҳо муайян мешаванд. Раванди сиёсӣ ҳамчун инъикосгари тағйирпазирии ҳаёти сиёсӣ, ҳамбастагии субъектҳо ва институтҳои сиёсиро дар иҷрои вазифаҳо ва нақшҳои муайян ифода намуда, дар маҷмӯъ фаъолияти акторҳои сиёсиро дар фазо ва макон арзёбӣ менамояд. Маҳз ҳамин тағйирпазирӣ ба раванди гузариш аз як шакл ба шакли дигар бо ишораи «анъана ва муосир» ҷомеаро сифатан дигаргун месозад.

Намунаи анъанавии системаи сиёсӣ бо сохтори иҷтимоии табақавии ҷомеа, мутлақияти ҳокимияти сиёсӣ, шаклҳои авторитарии идоракунӣ, моноидеология ва мавҷуд набудани волоияти қонун алоқаманд аст. Намунаи муосири системаи сиёсӣ сохтори мураккаби иҷтимоии ҷомеа, пайдоиши ҳаракатҳои воқеии иҷтимоӣ, ташаккули унсурҳои ҷомеаи маданӣ, гузариш ба системаи намояндагии ҳокимияти давлатӣ (парламентаризм) ва шаклҳои демократии идоракунӣ, аз ҷумла институти интихобот, низоми бисёрҳизбӣ ва плюрализми арзишҳоро пешбинӣ мекунад.

Дар илми сиёсӣ дар баробари истифодаи мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» мафҳумҳои нисбатан ҳаммаъноии он ба мисли «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ», «таҳаввулоти сиёсӣ», «ислоҳоти сиёсӣ», «модификатсияи сиёсӣ», «трансформатсияи сиёсӣ», «демократикунонӣ», «индустраликунонӣ» ва «вестернизатсия» истифода мешаванд, ки дар тафсири сохторҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сохтори давлатӣ ва хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Бешубҳа, истифодаи мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» дар ҳолати муайян намудани хосияти инкишофи кишварҳои муосир, ки майл ба самти дигаргун сохтани идоранамоии анъанавиро ба идоракунии муосир доранд, мувофиқ аст. Дар ин ҷо моҳияти сиёсии мафҳуми «модернизатсия» бо гуногунҷабҳагии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ва инчунин бо хосиятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба он гуногунсамтии инкишофи сиёсӣ хос аст, муайян карда мешавад. Ҷ.Холл иброз доштааст, ки «Бунёди мафҳуми ягонаи «модернизатсия» таваҷҷуҳи васеи онро нисбат ба мафҳумҳои ғайриқобили қабул, ки маънои инкишофи ҷаҳони муосирро ба мисли мафҳумҳои вестернизатсия, демократикунонӣ ва индустраликунонӣ қабул карда буданд, зарба расонид. Маҳз дар ҳамин миқёс мафҳуми «модернизатсия», ки бо худ иттилооти зиёдро чун лангараки тағйирпазирӣ дошта ба инкишофи ҷомеа дар Замони нав таъсир расонида буд, тавлид ёфт».[1]

---

[1] Иқт. аз.: Панкратов С.А. На пути модернизации к устойчивому развитию России [Текст] / С. А. Панкратов. – Волгоград, 2001. – С.86.

Вобаста ба моҳият ва мақсади амалишавии равандҳои модернизатсионӣ дар заминаи таҷрибаи сиёсии кишварҳои мухталиф, таълимоти модернизатсияи сиёсӣ ба чор гурӯҳ тақсим мешавад: назарияи инкишофи прогрессивӣ модернизатсияро ҳамчун тағйироти инқилобии инкишофи сиёсӣ эътироф месозад; назарияи расидан ба сатҳи инкишофи пешрафт, ки масъалаҳои қафомонии кишварҳоро вобаста ба ҳолатҳои иқтисодию сиёсӣ таҳлил намуда, кӯшиши онҳоро ба сатҳи пешкадам маълум мекунад; назарияи тобеии инкишоф ба тадқиқи ҳамоҳангии инкишофи сиёсиву технологӣ сарукор дорад; назарияи аксулмодернизатсия, модернизатсияро ҳамчун дурнамои инкишоф инкор месозад.

Ҷараёни танқид ва тавлид ёфтани равияҳои танқидӣ дар таълимоти модернизатсионӣ масъалаи аз нав дида баромадани асосҳои назариявии онро ба миён овард. Кӯшиши олимон буд, ки назарияи мазкур ҳамчун таълимот боқӣ монд ва рушд намуд. Таълимоти модернизатсионӣ, ки мақсади ҷорисозии тарҳи инкишофи пешқадам, дар кишварҳои ғайриғарбиро дошт ва начандон дар ибтидо ба мароми худ расида буд, баҳри ташаккули дигар назария ва консепсияҳои илмӣ заминаи ғоявиро эҷод намуд. Дар заминаи таълимоти модернизатсияи сиёсӣ назарияи илмӣ, ба монанди консепсияи ҷомеаи баъдимодернизатсионӣ, назарияи ҷомеаи технологӣ, назарияи ҷомеаи индустралӣ, консепсияи ҷомеаи иттоолотӣ ва ғайра ташаккул ёфтаанд.

Дар рафти модернизатсияи сиёсӣ дар кишварҳои «олами сеюм» андешаҳои мухталифи илмӣ оид ба ҳамоҳангии инкишофи ғарбӣ ва шарқӣ ба миён омад. Аз тн рӯ, назарияи эндогении инкишофи сиёсӣ матраҳ гардида, рафти модернизатсияро пайваста бо омилҳои дохилӣ, ба мисли дин, анъана, ахлоқ рушд додааст. Анъана, ки дар ибтидои ташаккули ҳолати модернизатсионӣ ба рафти инкишоф муқобил гузошта мешуд, баъдан ҳамчун омили таъсиррасони муосиршавӣ пазируфта шудааст. Агар анъана дар Европа ҳамқадами раванди модернизатсионӣ буд, пас дар кишварҳои Шарқ он омили таъсиррасон ва ҳалкунандаи рафти инкишофи сиёсӣ гардид.

Дар зербоби сеюм – **«Махсусиятҳои модернизатсияи сиёсӣ ва майлонҳои инкишофи ҷомеаи навташкил»** изҳор гардидааст, ки хусусияти модернизатсияи сиёсӣ дар ҳар кишвар аз дараҷаи ташаккул, рафти инкишофи сиёсӣ, комёбиҳо ва афзалиятҳои назарраси давраи модернизатсионӣ вобаста аст. Дар заминаи омӯзиши адабиёти сершумор, хусусиятҳои марҳилабандии давраҳои модернизатсионӣ, махсусиятҳои самтгирии равандҳои модернизатсионӣ дар замимаи таҷрибаи кишварҳои мухталиф таҳлил мешаванд, ки ҳамчун тарҳҳои модернизатсия баромад мекунанд: тарҳи классикӣ ё парокандаи модернизатсия (давлатҳои Европаи Ғарбӣ, ИМА ва Австралия); тарҳи қафомонда ё номаҳдуди модернизатсия

(Бразилия, Аргентина); тарҳи испанӣ; тарҳи босуръат ё фишурдаи модернизатсия (кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё); тарҳи японии модернизатсия; тарҳи скандинавии модернизатсия.

Назарияи модернизатсия ҳамчун зарурати тағйир додани системаи иҷтимоӣ ва намунаи инкишофи сиёсӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои Ғарб ба миён омад. Аммо, вай натавонист манзараи воқеии рушди сиёсии кишварҳои ғайриғарбӣ, инчунин хусусиятҳои онро дар раванди навсозӣ нишон диҳад. Ин назария шаклҳои нави рушди иҷтимоиро ҳам дар шакли таносуби унсурҳои анъана ва либерализм ошкор кард ва ҳам барои ташаккули шаклҳои нави рушди иҷтимоӣ шарти зарурӣ гардид. Ҳамгироии омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ дар рушди сиёсии кишварҳои шарқӣ дар равандҳои секуляризатсия, релятивизми фарҳангӣ ва инқилоби сафед зоҳир мешаванд. Мафҳумҳои мазкур алоқамандии омилҳои дохилӣ ва беруниро дар рафти модернизатсия маълум мекунанд. Дар ҳолати ташаккули релятивизми фарҳангӣ нишонаҳои бештари анъана ва расму одат дар ташаккули низоми сиёсиву ҳуқуқии кишвар собит мегардад. Дар баробари арзишҳои либералӣ, ҷой доштани нишонаҳои анъана ва дин, ки ҳамчун унсури таркибии ҳаёти ҷомеа пазируфта шудаанд, муносибати хосаеро аз ҷониби сиёсат талаб менамоянд. Дар ин маврид ҳамгироии иҷтимоият ва сиёсат ба назар мерасад. Дар раванди секуляризатсия ва инқилоби сафед, баръакс ҳамгироии нишонаҳои либералӣ ва анъана ба вуҷуд меояд, ки дар он ҷонибдории ғарбии инкишоф афзалият дорад.

Хусусияти модернизатсияи сиёсӣ дар баъзе кишварҳо бо барқарорсозии демократия ва арзишҳои он, боз ба сӯи анъанаи мавҷудаи авторитарӣ, афзалияти сарварон ва элитаи сиёсӣ, аз назари давлат дур гаштани масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ғайра рӯй меорад, ки он ба анъанаи томодернизатсионӣ, ба хосияти анъанаҳои сохтаву бофта мубаддал мешавад. Баъзан, элитаи сиёсӣ чунин шакли идораро ба ҷомеа чун намунаи инкишофи кишвари пешқадам пешниҳод намуда истифодаи минбаъдаи амалии онро зарур медонад. Дар ин ҳолат дар шуур ва фаҳми мардум қабули арзишҳои сохта ба миён меояд ва дар иртибот он гӯё нишонаи «демократия» бошад, ҷонибдорӣ мегардад. Ин ҳолат боиси пайдо шудани монеаҳо дар инкишофи давлати муосир, ҷомеаи маданӣ ва рушди иқтисодиёти бозоргонӣ мегардад. Агарчи элитаи сиёсӣ ва сарварон чунин ҳолати ногувори инкишофро эҳсос намоянд, ҳам лекин роҳи бартарафсозии онро пайдо карда наметавонанд. Зеро низоме, ки онҳо «демократия» дониста бо анъанаҳои кӯҳнаву нав омезиш доданд, решаҳои умқӣ давондааст. Дар ҳолати баръакс, ба мардум фаҳмонидани зарурати қабули меъёрҳои демократӣ дар амал, принсипҳои пешинаи идоранамоиро зери хатар мегузорад, ки умуман нобовариро нисбат ба низоми идоракунӣ ба миён меорад.

Дар замони муосир бо баробари қабули тарҳҳои инкишофи муосир, кишварҳои ғайриғарбӣ ба натиҷаҳои муҳими модернизатсия нарасида, балки ба зиддиятҳои навин дучор гардиданд. Дар ин кишварҳо принсипҳои бунёди ҷомеаи муосир аз лиҳози иҷтимоиву сиёсӣ ба назарияи ташкили системаи сиёсии замонавӣ мусоидат накарда, балки гурӯҳҳои мутташаккили зиддимодернизатсиониро ба вуҷуд оварданд, ки дастовардҳои модернизатсиониро поймол месохтанд. Онҳо идоракунии авторитарии худро ҷорӣ намуда принсипҳои демократияро аз назар дур карданд. Аз ин рӯ дар замони муосир дар раванди ҷаҳонишавии беканор масъалаҳои муосиршавии кишварҳо бо таълимотҳои гуногуни илмӣ ва амалӣ алоқамандӣ доранд ва майл ба озодшавӣ аз таъсири авторитаризмро пайдо мекунанд. Асари муҳаққиқи америкоӣ Ҷ. Шарп «Аз диктатура ба демократия: стратегия ва тактикаи озодшавӣ» маҳз ҳамин гуна масъалаи баҳсталабро дар бар мегирад.

Боби дуюм – **«Хусусиятҳо ва унсурҳои асосии модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат буда, ба тадқиқи ташаккул ва инкишофи модернизатсияи системаи сиёсӣ, ҷараёни дигаргуниҳои сиёсӣ, муҳимияти қабули дигаргунӣ ва таъсири он ба таҳлили асосҳои модернизатсионии ҷомеа бахшида шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм – «**Заминаҳои ташаккул ва инкишофи модернизатсионии системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои он»** кӯшишҳои таҳавуллотпазирии системаи сиёсии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Кӯшишҳои таҳаввулотпазирии системаи сиёсӣ тавассути қабули ислоҳотҳои давлатӣ баррасӣ мешавад, ки дар давраҳои мухталифи таърихӣ ба амал омада, бо сабабҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ ба анҷом нарасиданд ва чандон самарабахш набуданд.

Ба андешаи муаллиф дар таърихи халқи тоҷик се марҳилаи таҳаввулотпазирии сиёсӣ мавҷуд буд: 1. Аз давлатдории Сомониён сар карда, то барқароршавии Ҳокимияти Советӣ, ки рафти он хусисияти пароканда ва бесамарро дошт; 2. Давраи шӯравӣ. 3. Давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон.

Марҳилаи якуми таҳаввулотро модернизатсия донистан хатост. Зеро он навъи пешинаи ҷомеаро ба шакли пешрафта табдил нadодааст. Марҳилаи дуюми тағйиротҳоро модернизатсия ҳисобидан душворӣ надорад, зеро нисбати шакли пешинаи идораи ҷомеа таҳаввулоти замони советӣ пешрафта буданд ва системаи сиёсӣ низ дигаргун гаштааст. Дар асл, модернизатсияи советӣ ҳолати рақобатро бо либерализми Ғарб зиёд намуд.

Дар солҳои мавҷудияти ҷумҳурии тоҷикистонӣ дар ҳайати Иттифоқи Советӣ таҳаввулотҳо хосиятҳои гуногунро соҳиб буда, дар асоси дархост ва талаботҳои ҳизби коммунистӣ амалӣ шудааст. Солҳои зиёд рушду нумӯи он аз хоҳиш ва иродаи субъекти асосии кишвари абарқудрат вобаста буд. Таҳаввулотҳои мавҷуда дар шаклҳои гуногун қабул гардида, қисман амалӣ

мешуданд, ки онро ҳамчун вазифаҳои конститутсионии кишвар дарҷ намуда, баъдан мардумӣ месохтанд. Панҷсолаҳои даврони советӣ дар худ шакли идоракунии пешқадамро доштанд. Мардум аз панҷсола ба панҷсола рафти инкишофи кишварро маълум сохта, бароиояндаи беҳтарин умедворӣ доштанд. Беҳуда нест, ки А.Тойнби панҷсолаҳои сталиниро чун кӯшиши вестернизатсия дониста, онро чун ивазкунандаи фаъолияти Петри Кабир медонад. «Ҳукумати муосири коммунистии худкома тавонист дар натиҷаи шикасти Россия дар солҳои 1914-1918 қафомонии ҳукумати подшоҳиро аз технологияи ғарбӣ рӯйпӯш кунад ва дар давраи солҳои 1928 то 1941режими коммунистӣ барои Россия кӯшиши онро анҷом дод, ки барои Петр 230 сол пеш муяссар гардида буд».[1] Аз тарафи дигар, маҳз сотсиализми ленинӣ дар кишварҳои «асримиёнагӣ»-и Осиёи Миёна модернизатсияи системаи сиёсиро ҷорӣ сохт. Арзишҳои исломӣ дар натиҷаи сиёсати зиддидинии давлати советӣ коҳиш ёфта, мақоми худро дар низоми идоранамоии кишвар гум карданд. Раванди секуляризм ва ғарбикунонии «русӣ» ҷомеаи анъанавии Осиёи Миёнаро ба ҷомеаи «пешқадами мардумӣ» табдил сохт. Арзишҳои сотсиалистӣ ба мисли коллективизм, индустраликунонӣ, инқилоби фарҳангӣ ва ғайра, ки гӯё ба манфиатҳои табақаҳои меҳнаткаш равона гардида буданд, ба дастовардҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии назаррас комёб шуданд. «Мисолҳои на чандон зиёд оид ба раванди муосиркунии кишварҳои исломӣ мавҷуд аст, лекин яке аз беҳтарини он мисоли модернизатсияи ҷумҳуриҳои советии Осиёи Миёна аст».[2]

Дар раванди муосиркунии системаи сиёсии кишварҳои «ҷаҳони сеюм» дар замони ҷанги сард майлони идоракунии демократӣ ташаккул ёфт. Мафҳуми модернизатсия нисбат ба ҷаҳони сотсиалистӣ истифода нагардидааст, балки ифодасозандаи сатҳи тағйирпазирии инкишофи кишварҳои «ҷаҳони сеюм» буд. Бинобар он мафҳуми мазкур, пас аз парокан-дашавии Иттифоқи Советӣ ба системаи сиёсии мо ворид гашта ташкили идоранамоиро бо усули ғарбӣ тарғиб менамуд. Зарурати иваз намудани идоранамоии шӯравӣ ба шакли муосир пайдо шуд. Албатта, шакли мақбули идоранамоӣ ба ғайр аз намунаи ғарбӣ вуҷуд надошт, ки онро истифода намуда аз худ намоем. Аз як тараф раванди ташаккули муносибатҳои навин барои кишварҳои пасошӯравӣ хело муҳим буд. Бинобар модернизатсия дар тарҳи ғарбӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ ва истифодаи он дар системаи сиёсӣ хело қулай буд. Зеро он ба арзишҳои мавҷудаи ҷаҳони сотсиалистӣ каму беш монандӣ дошт. Барои инкишофи Тоҷикистон тарҳи исломии идоракунӣ (дар мисоли эронӣ) чун тарҳи алтернативӣ мансубият дошт, лекин он аз ҷониби

[1] Тойнби А. Цивилизация перед судом истории [Текст] / А. Тойнби. URL: http Royallib.com(дата обращения: 12.04.2020).

[2] Политическая модернизация [Электронный ресурс]. URL: http // ru.wikipedia. org. ru (дата обращения: 22.12.2016).

табақаҳои гуногуни ҷомеа ва элитаи нав ташаккулёбанда дастгирӣ наёфт ва барои ҷонибдории он заминаҳои субъективӣ низ набуд. Ба ғайр аз ин, идоракунии исломӣ барои элитаи собиқ коммунист бегона буда, дар системаи сиёсии олам намунаи ибратбахши он низ дар шакли умумӣ вуҷуд надошт, ки ба талаботҳои Тоҷикистони пасошӯравӣ ҷавобгӯй бошад ва дар ҷодаи исломпарварии сиёсӣ онро раҳсипор созад. Идеологияи коммунистӣ, ки хосияти атеистиро соҳиб буд, оид ба ҳукмронии ислом дар низоми ҷаҳонӣ ба таври ошкоро иттилоот надода, балки ба муқобили идоракунии динӣ баромад мекард. Намунаи исломии инкишоф натавонист, ки аз ҷониби элитаи сиёсии солҳои 90-уми асри XX боиси нусхабардорӣ гардад, зеро ба ҳолати пасошӯравии ҷомеаи тоҷик мувофиқ набуд. Бинобар ин, майлонҳои исломпарастии баъзе аз зиёиёни тоҷик, (эҳтимол аст, ки чунин мароми ният доштанд) моҳияти воқеӣ пайдо накард ва онҳо, баъдан хосияти дунявии давлатро эътироф намуданд.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Ҷараёни тағйирпазирии сиёсӣ дар ҷомеаи трансформатсионии Тоҷикистон»** ба тадқиқи хусусиятҳои таназзули авторитаризм ва ташаккули асосҳои либералӣ дар рушди Тоҷикистон бахшида мешавад, ки яке аз масъалаҳои муҳими илми сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҷараёни дигаргуниҳои сиёсии фазои баъдисоветиро ба ду марҳила тақсим намудан мумкин аст: трансформатсияи баъдикоммунистӣ ва модернизатсия.

Ҳар ду марҳилаи рушди ҷомеа бо хосиятҳои умумӣ, байни худ айниятҳо ва тафовутҳо доранд. Барои таҳлили ҳолати онҳо намунаҳои муайян мавҷуданд. Трансформатсия бештар на аз лиҳози тафаккурӣ, балки бо шикасти низоми мавҷуда, бо буҳрони илму фарҳанг, ихтисори истеҳсолоти технологияи баланд, фирори мағзҳо ба хориҷи кишвар, паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва ғайра оғоз мегардад. Дар чунин ҳолат набояд монандии ҷараёни трансформатсионӣ бо дигаргунии модернизатсионӣ андоза шавад. Лекин раванди муътадиле, ки пас аз «бесарусомонӣ» меояд, сифати модернизатсионӣ дорад. Ташаккули ниҳодҳои сиёсӣ дар амал бештар бо хосияти трансформатсионӣ ҷорӣ мегардад ва ягонагии хар ду равандро собит месозад. Бояд қайд намуд, ки дар рафти модернизатсия сурати тағйирпазирии сиёсӣ хело баланд аст ва ин ба мавҷудияти зиддият, ихтилофҳо ва ноустувории институтҳои сиёсӣ мебарад. Чунин ҳолатҳо барои Тоҷикистон дар раванди таҳаввулпазирии ҷомеа ё гузариш ба системаи сиёсии дигар қонуниятҳои умумии инкишоф муайян мешаванд. Ниҳодҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба таври расмӣ ташкил ёфтанд ва комилан устувории худро пайдо карданд. Бинобар ин, раванди трансформатсионии ҷомеа ба ҳолати модернизатсионӣ ворид шудааст. (мо онро шартан бо ибтидои солҳои 2000-ум пайванд месозем). Дар мисоли рушди баъдикоммунистии Тоҷикистон трансформатсия ва модернизатсия дар

ҳамоиш ва ҳамгирой қарор доранд. Натиҷаҳои босамари раванди трансформатсионӣ ҳамчун модернизатсия эътироф мешаванд.

Дар ин зербоб таҳлили муқоисавии системаи интихоботии институти парламентӣ, механизмҳои идорӣ (институти президент, тақсимоти ҳокимият), ислоҳоти конститутсионӣ дар робита бо ҳолати таҳлили мутақобилаи анъана ва муосиршавии рушди сиёсӣ оварда шудаанд, ки бешубҳа, боиси омӯзиши ин падидаҳо дар давраи низоми коммунистӣ дар Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон ва дар шароити ташаккули демократия дар кишвари соҳибистиқлол гардидааст.

Дар солҳои тағйирпазирии сиёсӣ ба рушди раванди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Аввалин раъйпурсӣ 6-уми ноябри соли 1994 баргузор шуд. Конститутсияи нави Тоҷикистон бо 90% овозҳои шаҳрвандони кишвар дастгирӣ пайдо намуд. Сипас, 26-уми сентябри соли 1999 ба он 28 тағйиру илова ворид гардид. Иваз кардани мухлати президентӣ аз ду давраи 5-сола ба як давраи 7-сола; таъсиси парламенти дупалатагӣ (Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон); иҷозат барои фаъолияти ҳизбҳои динӣ аз ҷумлаи онҳо буданд. 22-юми июни соли 2003 ба Қонуни Асосии кишвар боз 56 тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Ивази мухлати президентӣ аз як давраи 7-сола то ба ду давраи 7 - сола тағйироти асосии он буд. 22 - юми майи соли 2016 боз 38 тағйиру илова ворид шуд. Мувофиқи он Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси «Пешвои миллат» ҳуқуқи ба таври номаҳдуд дар интихоботҳои президентӣ номзад шуданро пайдо кард; синни номзад ба президентӣ аз 35 то 30-солагӣ поин оварда шуд; бекор намудани таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои динӣ.

Институти президентӣ усули нави идоракуниро ба системаи сиёсии Тоҷикистон ворид намуд. 24 ноябри соли 1991 дар Тоҷикистон нахустин интхоботи озод, кушод ва умумихалқӣ бо талаботҳои демократӣ гузаронида шуд. Роҳбари ҳизби коммунист Р. Набиев дар даври аввал 56% ва номзади алтернативии он аз коалитсияи неруҳои демократӣ Д. Худойназаров 30% овозҳоро соҳиб шуданд. Бори дуюм интихоботи президентӣ 6-уми ноябри соли 1994 ҳамчун муборизаи байни номзадҳо Э. Раҳмон ва А.Абдуллоҷонов баргузор гардид. Онро намунаи баъдинаи рушди муносибатҳои демократии байни номзадҳо арзёбӣ менамоянд. Номзадҳо тавонистанд, ки ба тамоми кишвар сафар намуда, бо интихобкунандагон вохӯриҳо ташкил кунанд. Онҳо дар вохӯриҳо мақсад ва ниятҳои худро нисбати ояндаи Тоҷикистон баён менамуданд. Дар баҳсҳои телевизионӣ иштирок намуда, ба саволҳои зиёди интихобкунандагон ҷавоб гардониданд. Дафъаи сеюм интихоботи президентӣ боз ҳам хоси демократиро касб намуда, ба фаъол гардонидани аҳол муваффақ шуд. Он соли 1999 баргузор гардид. Хусусияти даври сеюми интихоботи президентӣ дар мавҷуд будани номзадҳо аз ҳизбҳои

гуногуни сиёсӣ ва таъмини муборизаи ошкорои байни онҳо зоҳир мегардад. Ин шакли муттаҳид намудани ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки фаъоли онҳо дар раванди сиёсии Тоҷикистон буд, ки демократӣ будани равандҳои сиёсиро исбот намуд. Агар ба интихоботи президентӣ дар солҳои модерникунонӣ диққат намоем, пас маълум мешавад, ки онҳо аз рӯи хосият ва сохтор тағйир наёфтанд, зеро намоядагони ҳизбҳои дигар овозҳои заруриро соҳиб нашуданд ё дар байни мардум ҷонибдорони зиёдро низ пайдо накарданд.

Дастовардҳои демократии системаи сиёсии навташкил ташаккули асосҳои конститутсионӣ, низоми бисёрҳизбӣ, самаранокии низоми интихоботӣ ва ғайра мебошанд. Гузариш аз ҷомеаи тоталитариву авторитарӣ ба демократия ва муайян намудани дурнамои инкишоф барои Тоҷикистон бо таҳкими субот ва осудагии кишвар пайваст буд. Баҳри устувории истиқлолияти давлатӣ зарурати таъмини ваҳдати миллӣ, эҳёи ватан ва таҳкими сохтори сиёсӣ ба миён омад, ки натиҷаҳои назаррасро пайдо кард. Тоҷикистон дар раванди модернизатсионӣ ба самти демократия тадриҷан ва бо эътимод қадам мезанад ва кӯшиши бунёди демократияро бо назардошти принсипҳои он тақозо менамояд. Дар заминаи дурнамои модернизатсионӣ низоми муносибатҳои муосир ва навсифат ташаккул меёбад, ки он комёбиҳои модернизатсия номида мешавад. Амалияи гузариши сиёсӣ дар Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ ба талаботҳои демократия чандон наздик набошад ҳам, лекин ҳар давлат махсусиятҳои ташаккули системаи сиёсиро ба инобат гирифта, вобаста ба арзишҳои миллӣ, худшиносии шаҳрвандӣ ва эътиқодии динӣ ташаккул меёбад, ки ба шароит ва талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ аст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Моҳияти тағйирпазирии сиёсӣ ва таъсири онҳо ба коркарди асосҳои модернизатсияи ҷомеаи тоҷикистонӣ»** диққати асосӣ ба баррасии натиҷаҳо ва дастовардҳои воқеии низоми сиёсии навбунёд равона мегардад. Ба андешаи муаллиф дар натиҷаи таҳлили рафти тағйирпазирии сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ масъалаи таваҷҷуҳнамоӣ ба комёбиҳои он бар меояд, ки чун ҳолатҳои объективӣ ва субъективии инкишофи Тоҷикистони муосир баромад мекунад. Дар параграфи мазкур натиҷаи тағйирпазирии сиёсӣ ва таъсири он ба рафти инкишоф матраҳ гардида, давраи модернизатсионӣ дар Тоҷикистон дар амалишавии ду давра (давраи аввал замони советӣ ва давраи дуюм замони соҳибистиқлолӣ) ба инобат гирифта мешавад.

Яке аз дастоварҳои азими давраи модернизатсионӣ ташаккул ва амалишавии ҳуқуқҳои сиёсӣ, ҳуқуқҳои интихоботӣ буд. Ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун феҳристи ҳуқуқҳои сиёсӣ баромад намуда, иштироки онҳоро дар корҳои давлатӣ таъмин мекунад. Дар ин ҷо мавқеи асосӣ ба электорат ба субъекти раванди интихоботӣ дода

мешавад. Лекин то ҳол шаҳрвандони Тоҷикистон имкониятҳои сиёсии худро бо сабабҳои мухталиф ба таври пурра пиёда намесозанд. Бо назардошти иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ бар меояд, ки дар Тоҷикистони муосир шакли тобеии фарҳанги сиёсӣ ҷой дорад. Ғайрифаъол ва бетараф будани аҳолӣ дар раванди қабули сиёсӣ мушоҳида мешавад. Он чун анъанаи пешинаи умргузаронии инсон, ки вазифаи сиёсиро ба дӯши давлат бор мекунад, ба амал баровирда мешавад. Аҳолӣ ба ҳокимият такя намуда, аз он имтиёз (кафолатҳои иҷтимоӣ) ва хубиҳоро умед дорад. Лекин аҳолӣ дар раванди интихобот, ки ба режими демократӣ хос аст, хело фаъол аст. Дугонагии фаъолияти сиёсии шаҳрвандон аз як тараф бо омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки онҳоро аз сиёсат дур месозад. Аз тарафи дигар, шаҳрвандон чун одат ё вазифа ба равандҳои сиёсӣ ворид гардида, дар бештари вақт моҳияти онро сарфаҳм намераванд. Дар охир иштироки сиёсии шаҳрвандон имконият медиҳад, ки онҳо розигии худро нисбат ба фаъолияти давлат ва роҳбарони он изҳор намуда, сиёсати дар субот нигоҳ доштани ҷомеа ва рушди минбаъдаи онро ҷонибдорӣ намоянд.

Асоси сиёсати модерникунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти сиёсии кишвар (ташаккули парламент ва институти президентӣ, принсипи тақсимоти ҳокимият, системаҳои интихоботӣ ва ҳизбӣ), афзалиятҳои рушди иқтисодӣ (гузариши кишвар ба иқтисоди бозорӣ, пайдоиши намудҳои гуногуни моликият), ташаккули муколамаи оммавӣ бо мақомот (ташаккули ҳукумати электронӣ), эҳёи фарҳанги анъанавӣ ва миллӣ, ташаккули ҳамкории самараноки байналмилалӣ, таъмини амнияти идеологӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошад. Тоҷикистон қодир аст, ки таҷрибаи як қатор кишварҳои муосирро мустақиман омӯзад ва нисбати имкониятҳои худ хулосаҳои оқилона барорад ва истифода намояд.

Боби сеюм – **«Масъалаҳои баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамоҳангии институтҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсияи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба масъалаҳои ташаккули ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсионии ҷомеа бахшида мешавад, ки хосияти муҳимро дар ҷараёни тадқиқи равандҳои сиёсии Тоҷикистони муосир соҳиб мебошад.

Дар зербоби аввал – **«Шаклҳои иштироки институтҳои ҷомеаи маданӣ дар раванди модернизатсияи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи маданӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки шакли иштироки демократии иттиҳодияҳои мазкурро дар татбиқи мақсадҳои модернизатсионӣ ошкор месозад.

Ҷомеаи маданӣ фазои васеи фаъолияти иҷтимоиву фарҳангиро дар доираи баамалбарории манфиатҳои инфирод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, яъне аъзои ҷомеа ба миён меорад. Ҷомеаи маданӣ яке аз қисмҳои тавозуннамоӣ ва таносубсозии ҷомаеи муосир мебошад, ки имконияти назоратнамоӣ ва

маҳдудсозии фаъолияти давлатиро аз поймолсозии ҳуқуқ ва воридшавӣ ба ҳаёти шахсии одамон боз медорад. Ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар асоси робита ва ҳамкории гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо мақсади нармсозии мухолифатҳои иҷтимоӣ ва созмон додани мавзунияти муносибатҳои ҷамъиятӣ пиёда мегардад. Аммо аз тарафи дигар ҷомеаи маданӣ метавонад чун «яроқи самаранок» барои фирефтасозии шуури оммавӣ ва ғайриқонунигардии институтҳои давлатӣ заминаро муҳайё созад. Бинобар ин, зарурати таъсиррасонии мутақобилаи давлату ҷомеа бо принсипҳои муайяни давлатдориву сохтори ҷомеа бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун институти ҷомеаи маданӣ пеш аз ҳама бо муайян намудани манфиатҳои инфирод ва талаботи аъзоёни ҷомеа, ки танҳо ба воситаи сиёсат ҳал меёбанд, мақоми махсусро соҳиб мешаванд. Ба қавли дигар, стратегияи инкишофи оянда, ки аз ҷониби ҳизбҳо сомон ёфтанд, масъалаҳои асосии гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеаро навъбандӣ ва муайян мекунанд.

Худидоракунии маҳаллӣ – ин ҳокимияти омавии шаҳрвандон мебошад, ки бо фаъолияти муташаккилонаи сиёсии онҳо асос меёбад. Худидоракунии маҳаллӣ яке аз шаклҳои институти ҷомеаи маданӣ мебошад, ки мухторияти шаҳрвандро нисбат ба давлат муҳайё месозад.

Иттифоқҳои касаба – ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, ки бо ёрии онҳо инфирод фаъолияти иҷтимоиву сиёсии худро амалӣ месозад. Дар иртибот бо ҳизбҳои сиёсӣ иттифоқҳои касаба манфиатҳои шаҳрвандонро дар соҳаи иҷтимоиву меҳнатӣ ҳимоя месозанд.

Сектори ғайритиҷоратии сеюм чун институти ҷомеаи маданӣ маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоиро барои кӯмак намудан ба шаҳрвандон ва гурӯҳҳои аҳолии камбизоат амалӣ месозад. Ёрии онҳо ҳолати зиндагии чунин тоифаҳои аҳолиро сабук ё беҳтар менамоянд, мақоми иҷтимоӣ ва ҳамаҷонибаи одамонро барқарор намуда, одатнамоии онҳоро ба низоми тағйирёбанда ҷоннок месозад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳо яке аз институтҳои ҷомеаи маданӣ бо ташаббуси шаҳрвандон барои ҳал намудани масъалаҳои муайян созмон дода мешаванд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ  чун сохтори муайян, оинннома ва барномаи кории худро дар асоси таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар соҳаҳои мухталиф амалӣ менамоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хусусиятҳои сиёсӣ, қисман сиёсӣ ва ғайрисиёсиро соҳиб мебошанд.

ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ мубодилаи иттилоотро байни ҷомеа ва давлат дар низоми коммуникатсионӣ матраҳ месозад. Аз ин рӯ, чор унсури асосии мубодилаи иттилоотро муайян намудан мумкин аст: ирсолкунанда, хабардиҳанда, шабакавӣ, дарёфткунанда.

Ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар доираи фаъолияти ҷомеаи маданӣ ва фазои сиёсӣ дархостҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро ба миён меоранд.

Ҷунбишҳои иҷтимоӣ ҳамоҳангии фаъолияти дастаҷамъии шаҳрвандиро вобаста ба унсурҳои зерин ба миён меоранд: дархостҳои иҷтимоӣ, манфиатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ ва ғайра.

Экспертҳо – ниҳоди махсуси ҷомеаи маданӣ, ки бештар бо сарҷамъ ва таҳлил сохтани маводи сабабу натиҷавии робитаҳои байни ҷомеа ва давлатӣ маълум мешавад. Экспертиза аз ҷониби мутахассисони лаёқадманд ва баландихтисос дар асоси муқоисанамоии ҳодисаҳои мухталиф гузаронида мешавад. Хулосаи экспертиза асоси таҳлили ҳолатҳо мебошад, ки дар натиҷаи мутобиқ будан ба меъёри лозимӣ муайян мегардад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Хусусиятҳои баҳамтаъсиррасонии институтҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсияи сиёсӣ»** муаллиф қайд мекунад, ки ҳамкории воҳидҳои институтсионалӣ, ки дар якҷоягӣ ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоиро ташкил медиҳанд, омили асосии рушди муносибатҳои сиёсӣ мебошанд.

Баҳамтаъсиррасонии воҳидҳои институтсионалӣ дар маҷмӯъ ҷомеаи маданиро ташкил дода, бо давлат рӯйоварии иҷтимоиро ба миён меоранд, ки омили меҳварии рушди муносибатҳои иҷтимоиву сиёсиро фароҳам месозад. Масъалаи мазкур хосияти муҳими илмиро соҳиб гашта, тадқиқотҳои мухталиф баҳсҳои доманадорро эҷод месозад, зеро ҳамзамон ба ташаккули имкониятҳои амалишавӣ ва воқеияти системаи сиёсӣ таъсир мерасонад. Таҳлили баҳамтаъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсионӣ танҳо ба воситаи истифодаи усули интегратсионии таҳқиқи эҳтимолии назариявӣ ва амалии ташаккули ҷомеаи муосир дар асоси таҷрибаи давлат ва ҷомеа ба амал меояд. Махсусан, ин мисолро дар инкишофи кишвари пасошӯравӣ замони муосиркунонии низоми сиёсиву иқтисодӣ дидан мумкин аст. Мақсади истифодаи чунин усули тадқиқотӣ, пеш аз ҳама, бо зарурати созиши давлати ҳуқуқиву демократӣ алоқаманд аст, ки тағйирпазирии низоми ҷамъиятӣ хоси он мебошад. Ба ғайр аз ин, раванди глобалӣ хоҳу нохоҳ талаботҳои сифатан навро ба робитаи мутақобилаи байни давлат ва ҷомеаи маданӣ изофа менамояд, ки зарурати тадқиқи илмиро дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб барои дарки мантиқии баҳамтаъсиррасонии давлату ҷомеа таҳлили ҷараёни ташаккули ҳолати онҳо дар давраи муайяни таърихӣ бармеояд.

Таҷрибаи таърихии кишварҳои зиёд шаҳодат медиҳад, ки маҳз раванди модернизатсия бо дастгирии оқилонаи ҳокимияти сиёсӣ ва ташаккули институтҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки ҷомеаи гузаришро ба ҳолати муътадилӣ собит сохтанд, ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тариқ, дар раванди модернизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус ба институтҳои иҷтимоӣ, аз ин лиҳоз ба ниҳодҳои давлатӣ ва бахши ғайритиҷоратӣ дода мешавад. Дар тадқиқоти мо ба сифати бахши давлатӣ,

давлати иҷтимоӣ ва дар мисоли ниҳоди ҷомеаи маданӣ фаъолияти ҷамоатҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд.

Чи тавре ки маълум аст, моҳияти давлати иҷтимоӣ ба воситаи вазифаҳои иҷтимоии давлат дар сиёсати иҷтимоӣ пиёда мегардад. Сиёсати иҷтимоӣ чун соҳаи афзалиятноки фаъолияти давлати пешқадам эътироф гардида, дар навбати худ масъалаи мубрами вазифаи ҳокимият ба ҳисоб меравад, зеро сиёсати давлатӣ ба тақсимсозии вазифаҳои худ дар ҳудуди давлат ва таъмини фаъолияти ҳаёти ҷомеа амалӣ мешавад. Бинобар ба дӯши мақомотҳои давлатӣ масъулияти гарон дар муайян намудани шаклҳо ва усулҳои афзалиятноки баамалбарории сиёсати иҷтимоӣ ҷой дорад. Пеш аз ҳама сиёсати иҷтимоӣ баҳри таъмини тарзи ҳаёти ҷамъият, таъмини муътадилӣ ва рушди устувори системаи сиёсӣ баромад мекунад. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ қабул гардиданд, ки моҳияти иҷтимоии кишварро дар асоси талаботи ҷаҳонӣ ва давлатдории мутамаддин маълум месозанд. Ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004 с.); Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003 с.); Нақшаи баамалбарории ислоҳоти низоми маориф дар солҳои 2004-2009. (2004 с.); Қонун «Дар бораи пешгӯиҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009 с.) ва ғайра.

Ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, аз як тараф барои пешрафти сиёсӣ шароити зарурро фароҳам намуда, аз ҷониби дигар метавонанд ҷомеаи устуворро бо шаҳрвандони фаъол бунёд созад. Онҳо саҳми бомавриди худро дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, таҳкими сатҳи ташаббусҳои шахсӣ ва бартарафсозии таъсиррасонии беандозаи давлатӣ ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегузоранд. Воҷиб аст, ки баҳамтасиррасонии давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар хосиятҳои ташаккули раванди модернизатсионии Тоҷикистон зоҳир меёбанд. Ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ яке аз асосҳои таҳкими давлатдории демократӣ мебошанд. Дар ин маъно мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» қобилияти давлатро дар амалияи сиёсати иҷтимоӣ, амнияти иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ ошкор намуда, афзалияти вазифаҳои мазкурро дар робита бо ҷомеаи маданӣ пиёда месозад. Ин ҳолат дар воқеияти навтавлиди баҳамтаъсиррасонии давлату ҷомеаи маданӣ инъикос меёбад. Давлат вазифаи худро дар танзими масъалаҳои иҷтимоӣ қисман ба дӯши созмонҳои иҷтимоӣ вогузор менамояд, ки чун шабакаҳои ҷамъиятӣ дар умқи ҷомеаи маданӣ ташаккул ёфта, низоми нави баҳамтаъсиррасонии давлату ҷомеаро бунёд карданд. Низоми мазкур ба худ номи «шарикии иҷтимоии байни бахшҳо»-ро соҳиб гардида, шакли сохториву таркибии баҳамтаъсиррасонии созмонҳои давлатӣ (бахши аввал), тиҷорат (бахши дуюм) ва ҷомеаи маданиро (бахши сеюм) дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ муҳайё месозад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм – **«Масъалаҳо ва дараҷаи баҳамтаъсиррасонии институтҳои ҷомеаи маданӣ ба раванди демократикунонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлил меёбанд, ки хусусияти воқеии ҳолати рушди демократияро дар алоқамандӣ бо институтҳои ҷомеаи маданӣ дар раванди муосиршавӣ муайян мекунад.

Тағйирпазирии режимҳои тоталитариву авторитарӣ, ташаккули ҷомеаи гузаришӣ бо либеракунонии иқтисодиёт ва демократикунонии муносибатҳои сиёсӣ оғоз меёбад. Муносибатҳои демократӣ ба рушди тарҳи муосири баҳамтаъсиррасонии давлат ва ҷомеа, ташаккули дараҷаи сифатан нави ҳамкорӣ ва таҳкими сохтори сиёсиву маъмурӣ заминаро фароҳам меорад. Мусаллам аст, ки ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ яке аз нишонаҳои мубрами ҷомеаи демократӣ буда, ҳамеша дар пайвандии ҷомеа ва инсон, бе саъю кӯшиш ва таҳкими доимӣ дар ягон кишвар вуҷуд дошта наметавонанд. Дараҷаи мутақобилаи давлат ва ҷомеаи маданӣ дар раванди демократику-нонии ҷомеаи Тоҷикистон бо мавҷудияти ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва таъсири онҳо дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ андоза карда мешавад.

Конститутсияи соли 1994 ба ҷомеа арзишҳои демократиро ҷорӣ намуда ба ташаккули устувори майлонҳои гуногунранг дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ мусоидат кард. Дар Конститутсия ҳизбҳо ҳамчун пойдевори ташаккули ҷомеаи муосир эътироф гардида шарофати онҳо дар таъсиси демократияи намояндагӣ ва ташаккули шохаи қонунбарори ҳокимияти давлатӣ ба воситаи интихоботи рақобатпазир дарҷ ёфтааст. Дар натиҷаи асосноккунии қонунии Конститутсия дар низоми бисёрҳизбӣ дар раванди мубориза сиёсӣ ҲХДТ ва ҲКТ мақоми махсусро соҳиб шуданд.

Пас аз барқароршавии сулҳ ва бастани «Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз 27 июни соли 1997 байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ИОТ (аъзоёни фаъоли он ҲДТ ва ҲНИТ буданд) ва қабули минбаъдаи Қонун «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (с. 1998) давраи нав дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад. Баъди легаликунонии фаъолияти ҲДТ ва ҲНИТ онҳо ҳамчун субъектҳои фаъоли раванди демократикунонӣ эътироф гардиданд. Дар баробари ҳизбҳои дигар ҳизбҳои мазкур мақоми махсусро дар барқароркунии сулҳ ва ваҳдати миллӣ бозиданд. Ҳамчун олоти таҳкими манфиатҳои гурӯҳҳои мутақобилаи моҷароҳоҳ ба воситаи ишғол ва истифода намудани ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои мазкур ба омили муташаккилонаи демократикунонии ҷомеа мубаддал гаштанд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ як ниҳоди муҳими ҷомеаи маданӣ мебошанд. Нақши муҳимро ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебозанд, ки манфиатҳои шаҳрвандонро ифода ва ҳимоя мекунанд, дар ҳалли баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм мегиранд, зеро онҳо на танҳо диққати ҷомеаро ба падидаҳои

манфӣ ҷалб мекунанд, балки дар ҳалли масъалаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ кӯмаки худро низ пешниҳод мекунанд. Дар шароити низоми демократӣ СҒД вазифаҳои миёнаравиро дар байни мақомоти ҳукуматӣ ва шаҳрвандон иҷро мекунанд, бо ин васила байни онҳо робитаҳо барқарор мекунанд ва назорати иҷтимоиро аз болои сохторҳои давлатӣ амалӣ месозанд. Дар ҷумҳурӣ аз рӯи маълумотҳои консорсиуми ҳуқуқии Тоҷикистон иттиҳодияҳои бахши сеюм дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг 20,4%, соҳаи гуманитарӣ ва хайрия – 16,5%, касбӣ – 10,6%, занона – 27,5%, ҳимояи ҳуқуқ – 5,1%, ҷавонон ва кӯдакона – 9,4%, экологӣ – 2,2%-ро ташкил медиҳанд.[1]

ВАО ҳамчун ниҳоди ҷомеаи маданӣ алоқаи бевоситаи худро бо ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа ташкил менамояд. Солҳои охир шумораи онҳо дар Тоҷикистон афзудааст. Аз рӯи маълумотҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 515 рӯзномаву маҷалла ва агентии иттилоотӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 125 давлатӣ ва 205 хусусӣ ва ҷамъиятӣ, 174 маҷалла (82 давлатӣ ва 92 хусусӣ), 11 агентии иттилоотӣ, ки танҳо яктояш давлатӣ, 66 нашриёт, 256 матбаа мебошанд.[2]

Дар раванди демократикунонии инкишофи ҷамъиятӣ нақши давлатро чун кафили ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон баҳо додан зарур аст. Дар илми муосири сиёсӣ консепсияи «давлати фаъол» дар айни ҳол имкон медиҳад, ки идоранамоии давлатӣ масъулияти ҳокимиятро дар назди ҷомеа баҳри таъмини манфиатҳои шаҳрвандон ба воситаи вориднамоии шабакаҳои мухталифи идоранамоӣ афзун созад. Чунин шакли давлатдорӣ бояд бо ташаббускории ҷомеаи маданӣ дар ҳалли масъалаҳои дар салоҳияти хизматчиёни давлатӣ вогузошта анҷом ёбад, ки бе таъсири ҳокимияти иҷроя пиёда мегардад.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ андешаҳо ва тавсияҳои амалии унвонҷӯй оварда шуданд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот

Дар натиҷаи тадқиқ ва таҳлили равандҳои модернизатсионии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳо оид ба тамоюлҳои асосии ташаккул ва рушди он пайдо мегардад, ки хосиятҳои зеринро соҳиб аст:

Модернизатсияи системаи сиёсии Тоҷикистон тарҳи мутамаддини инкишофи ҷомеаи муосир, ки дорои хусусиятҳои фарҳангиву иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, зарурати дарки назариявӣ ва методологии он дар тафаккури илмӣ ба миён меояд 29–«М».

---

[1] Ниг.: Таджикский юридический консорциум [Электронный ресурс]. URL:http://www.tj-consortium.org/ (дата обращения: 20.11.2016).

[2] Ниг.: Сколько СМИ в Таджикистане? [Электронный ресурс]. URL:nansmit.tj/20968-2/?id= 24640 (дата обращения: 12.04.2017).

Дар таърихи халқи тоҷик равандҳои таҳаввулотпазирӣ дар сиёсати кишвар дар замони Сомониён, даврони идоракунии аҷнабиён, солҳои вуҷудияти Аморати Бухоро ва генерал–губернатории Туркистон ба назар мерасанд. Ҳамаи тағйиротҳои воридгашта ба маънои аслии модернизатсияи сиёсӣ мутобиқат намекунанд ва онро мо навоварӣ ном гузошта, муосиршавии системаи сиёсӣ гуфта наметавонем. Зеро аввалан, навовариҳо хосияти идоранамоиро чандон тағйир дода бошанд ҳам, робитаи ҳамаҷонибаро дар таҳким ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ надоштанд. Ҷомеа аз як шакл ба шакли дигар ворид нагашт, системаи сиёсӣ ба худ хосиятҳои сиёсиро касб (маҳдудияти монархия, таъсиси парламент, пайдо шудани институтҳои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, ҳимояи имкониятҳои ташаккули иқтисодӣ) накард. Замони то инқилобии тоҷикон чун раванди парокандагӣ, номуташаккилӣ ва номуътадилии инкишоф ба ҳисоб меравад, ки дар он пеш аз ҳама манфиатҳои геополитикии кишварҳои ҷаҳонӣ, махсусан Россия ва Британияи Кабир ба назар мерасад 15–«М»

Замони идоракунии коммунистон ба модернизатсия шабоҳат дорад, лекин аз нуқтаи назари илми ғарбӣ нишондодҳои модернизатсионӣ дар замони шӯравӣ мавҷуд набуданд. Масалан, ғайриимкон будани ташаккули фаъолияти озоди иқтисодӣ ва таъмини интихоботи шаффоф ва алтернативӣ, маҳдудияти озодиҳои сиёсӣ, мавҷудияти сензураи давлатӣ, этатизм ва авторитаризми ҳокимияти сиёсӣ ва ғайра ҷомеаро ба мақсаду мароми ҳизби ҳукмрон побанд сохта «афсона»-и коммунизмро барои осудагии минбаъдаи он ҳикоя менамуд. Бояд иқрор шуд, ки давлати абарқудрати сотсиалистӣ бо назардошти ченакҳои модерникунонии ҷомеа тавонист, ки баъзе аз масъалаҳои муҳими замони мубаддалшавиро ба ҷомеаи муосир (албатта, бо фаҳми худ дар иҷрои панҷсолаҳо) амалӣ созад. Масалан, ба сатҳи хело баланд расонидани саноати вазнин, коркард ва обиёрӣ намудани заминҳои бекорхобида, сохтмони иншооти зиёди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, муваффақиятҳои соҳаи техника ва кайҳон, пайдо намудани нуфуз ва иқтидори ҳарбӣ, тавлиди инсони навъи «коммунистӣ», асоснок ва амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ки хоҳу ноҳоҳ ИҶСС-ро шуҳратманд гардонидааст 29–«М».

Хосияти иҷтимоӣ будани кишвари шӯроҳо ба олам таҷрибаи нави давлатдориро дар пиёданамоии барномаҳои иҷтимоӣ касб намуд. Ёрии ҳамаҷонибаи ИҶСС ба кишварҳои олами сеюм иқтидори ҷаҳонии онро зиёд намуд. Иқтидори ҳарбӣ ва комёбиҳои кайҳонӣ эътибори қудратмандии онро исбот намуд. Дар ин асос ба муқобили давлати советӣ таълимотҳои илмиву назариявии ғарбӣ, аз он ҷумла таълимоти модернизатсияи сиёсӣ тавлид ёфт. Таълимоти мазкур пеш аз ҳама хосияти ҷаҳони капиталистӣ ва бартарии онро аз сотсиализм дар олам муаррифӣ

менамуд. Гуфтан мумкин аст, ки агар зиддиятҳои ҷаҳонӣ намебуд, эҳтимол аст, таълимоти модернизатсияи сиёсӣ низ вуҷуд дошта наметавонист1–«М».

Равандҳои модернизатсионӣ дар Тоҷикистон дар замони паракандашавии ИҶСС оғоз гардида, дар замони истиқлолияти кишвар идома меёбад. Марҳилабандии раванди мазкур аз ҷониби мо чунин сурат мегирад. Аввалан, аз давраи бозсозӣ то таъсиси давлати мустақили Тоҷикистон, баъдан, аз соли 1991 – замони эълони истиқлолияти давлатӣ то соли 1997, яъне ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ. Марҳилаи сеюм аз соли 1997 то соли 2007 ва давраи чорум аз соли 2007 то ин ҷониб. Марҳилабандии мазкур дар алоқамандӣ бо воқеаҳои сиёсӣ таҳлил ёфтааст. Аз нуқтаи назари тағйирпазирии сиёсӣ ду марҳилаи рушди сиёсӣ, аз соли 1985 то соли 2007 ва аз соли 2007 то инҷонибро хосияти барҷаста доранд. Марҳилаи ибтидоии тағйирпазирии сиёсӣ аз сиёсати бозсозӣ оғоз мегардад. То соли 2007 Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки масъалаҳои муҳими замони гузариш ба низоми навро анҷом диҳад. Он сабабҳои хосаро касб намуда буд: аввалан, ҳолати тағйирпазирие, ки бо бозсозӣ оғоз гардид, ба ташкили кишварҳои соҳибистиқлол анҷом ёфт. Дар ин давра кишварҳо кӯшишҳои зиёди дигаргун сохтани системаи сиёсӣ ва бартарафкунии монеаҳои зидди онро пиёда намуда, барномаҳои нави таҳкими устувори ҷомеаро қабул намуданд. Дар мисоли Тоҷикистон ин давра замони баъдиҷангӣ номида мешавад. Баъдан, масъалаи рушди минбаъдаи Тоҷикистон аз соли 2007 ибтидо мегирад, зеро ҳамаи камбудиҳои замони пешин бартараф шуданд ва заминаҳои рушди ояндаи босубот фаро расид. Аз соли 2007 то инҷониб Тоҷикистон дар ҳолати суботи сиёсӣ чун кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ рушд меёбад ва монеаҳои ҷиддӣ дар инкишофи минбаъдаи он вуҷуд надоранд 29–«М».

Раванди сиёсии Тоҷикистон ба шаклҳои эндогениву экзогении модернизатсия шабоҳат дорад. Хосияти махсуси шаклҳои мазкур ба худ омезиш ва ҳамоҳангии анъанаҳои дохилӣ ва ниҳодҳои нусхабардоршударо аз берун ба амал мебарорад. Дар ибтидо, аз сабаби паст будани сатҳи инкишофи ҷомеаи маданӣ дар Тоҷикистон модернизатсияи ҷомеа бо модернизатсияи давлат иваз гардида, қудрати сиёсӣ, омилҳои бюрократӣ, ҳолатҳои дағали хусусигардонии иқтисодиёт мушоҳида мешаванд. Дар интиҳои модернизатсияи маҷбурии системаи сиёсӣ ҷомеаи демократӣ бо нишонаҳои худ ба мисли интихоби институтҳои сиёсӣ, бисёрҳизбӣ, тақсимоти ҳокимият зуҳур меёбад, ки чун хосияти ҷомеаи муосир баромад мекунад 29–«М».

Давраи модернизатсионии ташаккули системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавҷуд будани зиддиятҳо, ихтилофҳо ва низоҳо байни ҷонибдорони режими куҳнаву нав, ки хусусияти ҷомеаи гузаришӣ мебошад, пиёда мегардад. Гузариш ба ҷомеаи муосир бо ҳалли масъалаҳои

бунёдии сиёсӣ оғоз меёбад, ки ташаккули ниҳодҳои давлатӣ, коркарди конститутсия, муайян намудани принсипҳои идоракунии милливу давлатӣ аз зумраи онҳо мебошанд. Гузариш ба таъсиси системаи нави сиёсӣ дар Тоҷикистон аз рӯи мундариҷа ва хусусиятҳои худ бо ҷоришавии равандҳои демократикунонии системаҳои сиёсии кишварҳои дигар тафовут дорад. Зеро дар он азхудкунии принсипҳои демократӣ, ҷалбсозии шаҳрвандон ба сиёсат, таъсиси институтҳои фаъоле, ки ба қабули қарори сиёсӣ таъсир менамояд, бештар аз ҷониби давлат сурат мегирад 2–«М».

Аз рӯи хусусиятҳои ҳамкории ҳокимият ва ҷомеа равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон хосияти амудӣ – ташкилиро доранд, дар он нақши ҳокимияти давлатӣ баръало аён аст. Ҳокимият худ ташаббускор ва ҷорисозандаи қоидаҳо дар раванди таҳаввулот мебошад. Аз он ҳолати кишвар ва рафтори сиёсии шаҳрвандон вобаста аст. Раванди таҳаввулот аз боло ба воситаи роҳбарӣ ва ташаббуси сарварони сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ амалӣ мешавад. Ҳокимияти сиёсӣ чун танзимгари муносибатҳои сиёсӣ баромад намуда, идоракунии амудии он имкониятро барои ҳалли бомуваффақи масъалаҳои гуногун ба миён меорад. Ба ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, гузариш ба технологияи информатсионӣ, таъсиси институтҳои комилан демократӣ ва таъсиси давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ дохил мешаванд13–«М».

Дар Тоҷикистон дар раванди модерникунонии системаи сиёсӣ низоми бисёрҳизбӣ тавлид ёфт, ки ҳам бурдбориҳо ва ҳам камбудиҳоро соҳиб аст. Бо баробари мавҷудияти ҳизбҳои мухталиф ва сершумор ва механизмҳои воқеии амалишавии он оид ба таъсиси пурраи низоми мазкур гуфтан хело барвақт аст. Ба Тоҷикистон зарурати таъсиси низоми бисёрҳизбии комилан ташаккулёфта, ки ба воқеияти сиёсӣ ва талаботи ҷамъиятӣ мутобиқат мекунанд, ба миён меояд. Зеро бе мавҷудияти муборизаи сиёсии кушод ва рақобатноки ҳизбҳо низоми демократӣ моҳияти аслии худро пайдо намекунад. Мавҷудияти «ҳизби ҳукмрон», ки барои идоранамоии бардавом ва ҷонибдории роҳбарияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад, имконияти таъмини иштироки ҳизбҳои дигарро дорад. Лекин хосияти ҳамкории онҳо дар низоми идораи давлатӣ начандон аён аст. Аз ин рӯ, дар бештари маврид ҳизбҳои мазкур имконияти ҷалбсозии электоратро дар раванди интихобот надоранд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар набардҳои сиёсӣ иштирок намуда таи солҳои дурудароз интихобкунандагони худро дар ченакҳои муайян маълум сохтанд, ки натиҷаи интихоботро пешгӯи менамояд. Ҳизбҳо дар Тоҷикистон хосияти мутамарказиро доро мебошанд, зеро қарорҳои сиёсӣ аз ҷониби роҳбарият қабул мешаванд ва зинаҳои поёнӣ дар амалисозии чунин салоҳият маҳдудият доранд. Ҳизбҳо ва рушди минбаъдаи онҳо дар системаи сиёсии Тоҷикистон нишонаи таъмини муносибатҳои демократӣ мебошад, ки чун хосияти ҷомеаи муосир баромад мекунад 29–«М».

Парламент дар Тоҷикистон вобаста ба табиати худ, ҳамчун институти намояндагии манфиатҳои элитаи сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар коркард ва қабули қарорҳо саҳми асосӣ дорад. Маъмул аст, ки ягон шохаи ҳокимият, на мақомоти иҷроя ва на роҳбарияти ҳизбӣ ба мисли парламент дар ҷустуҷӯи қарорҳои сиёсиву ҳуқуқии муносиб ва самаранок, ки поягузори талаботҳои замон аст, фаъолият дошта наметавонанд. Лекин парламент ҳам, бояд ба ҳолате ташаккул ёбад, ки мақоми меҳвариро дар самти муосиршавии системаи сиёсӣ дошта бошад. Парламентаризм метавонад, кафили роҳи демократии инкишофи кишвар гардад, агар ки моҳиятан бо иродаи халқӣ ташкил ёбад ва манфиатбахш бошад 15–«М».

Дар шароити демократияи ваколатдор ташаккули ҷомеаи маданӣ раванди мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад, ки аз доираи фаъолияти ҳокимият, тиҷорат ва муносибатҳои оилавӣ берун буда, дар алоҳидагӣ байни мардум барои амалинамоии манфиатҳо созмон меёбад. Стратегияи роҳбарияти кишвар оид ба модернизатсияи низоми ҷамъиятию сиёсӣ бидуни рушди минбаъдаи сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ҷомеаи муосир имконнопазир аст. Самти модернизатсияи соҳаи иҷтимоиву сиёсӣ танҳо ба воситаи рушди институтҳои давлативу ғайридавлатӣ, ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои муносиби баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти онҳо амалӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли асосии баҳамтаъсиррасонии босубот дар мавҷудияти созмонҳои ғайриҳукуматии мухталиф ва иттиҳодияҳои ихтиёрӣ ба амал бароварда мешавад, ки аҳамияти иҷтимоиро пайдо мекунад 26–«М».

**Тавсияҳо**

**оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот**

Дар асоси хулосабарориҳои илмии воқеияти инкишофи модернизатсионии Тоҷикистон чунин тавсияҳои хосияти амалидошта пешниҳод мегарданд:

– равандҳои сиёсии давраи модернизатсионӣ номуътадил ва пешгӯинашаванда мебошанд. Бинобар ин, ҳокимияти сиёсӣ бояд назорати мунтазам ва идоранамоии ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҷамъиятиро дар дӯш дошта, ба ташаккули демократия бо таъмини самаранокии ҳокимият мусоидат намояд. Дар ҳолати баръакс, демократияи тавлидёфта ба бўҳрон, анархия ва бетартибӣ мебарад. Агар то соли 2000 амнияти Тоҷикистон бо таъмин намудани суботи баъдиҷангӣ оғоз ёбад, пас имрӯз моҷароҳои байниэтникӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҷинояткории муташаккил, сепаратизм, экстремизми сиёсиву динӣ, мубодилаи ғайриқонунии яроқ ва маводи мухадир, таҳдиди терроризм дар назари аввал меистад. Бинобар ин, зарурати бунёди механизми босамари таъмини бардавоми суботи дохиливу берунӣ ба миён меояд. Дар ин ҷода корҳои машваративу фаҳмондадиҳӣ байни аҳолӣ бо

мақомотҳои қудратӣ, бахшҳои ҷомеаи маданӣ ва институтҳои давлативу ғайридавлатӣ бояд ҷоннок гардад;

– дар раванди модернизатсионӣ таваҷҷуҳи зиёд ба иқтисодиёт дода мешавад, зеро аз иқтидори иқтисодӣ рушди умумии ҷумҳурӣ пайвандӣ дорад. Идоракунии иқтисодиёт бояд дар тахти назорати давлатӣ пиёда гардад. Чи тавре ки маълум аст, мавҷудияти муносибатҳои иқтисодии озод дар бештари кишварҳои ҷавони соҳибистиқлол ба шикасти иқтисодиёт ва вобастагӣ аз кишварҳои дигар мусоидат намуд. Дар Тоҷикистон лоиҳаҳои саноатикунонии кишвар бояд амалӣ гарданд, ки фаъолияти пурмаҳсул дошта бошанд. Такягоҳи равандҳои модернизатсионии Тоҷикистонро гузариш аз таъминоти энергетикии мустақил ба самаранокии истифодаи неруи барқ, аз бумбасти коммуникатсионӣ ба кишвари транзитӣ ва аз таъмини амнияти озуқаворӣ ба истеҳсоли маҳсулоти сифатнок ташкил мекунад. Тоҷикистонро зарур аст, ки савдои беруниро ба таври ҳавасманднамоии экспорт, маҳсулоти тамаркузкунандаи экспорт ва сабуксозии амалиёти савдоӣ ба роҳ монад. Дар раванди мазкур афзалият ба кӯшишҳои босамари институтсионалӣ ва ташаккули минтақаҳои кишвар дода мешавад. Захираҳои обиву барқии Тоҷикистон ҳамчун сарвати миллӣ эътироф гардида, дар ҳамкориҳои шарикҳои байналхалқӣ соҳаи мазкур яке аз соҳаҳои афзалиятноки робитаҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи рушди муътадил ва босамари кишварҳои осиёимиёнагӣ дар даҳсолаи наздик, дар натиҷаи амалинамоии масъулиятноки сиёсати кадрӣ, самаранок иҷро намудани талаботҳои Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030 ва ба инобат гирифтани иқтидори табииву геополитикии худ Тоҷикистон метавонад ба кишвари саноативу аграрӣ мубаддал шавад. Дар ин маврид, махсусан, фаъолнокии ҳамаҷонибаи бахшҳои соҳибкории хурду миёна ва афзалияти онҳо дар таъмини манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии мардум ба назар мерасад. Бо ҷонибдорӣ ва ҳавасмандгардонии шахсони лаёқандманди соҳаи соҳибкорӣ давлат имконияти инкишофи минбаъдаи иқтисодиёт ва иҷтимоиётро метавонад таъмин созад. Дар натиҷаи дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии шахсони боистеъдод дар соҳаи соҳибкорӣ, давлат имконияти рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунад. Тавассути қарзҳои давомнок, озодкунии муваққатӣ аз андоз ё кам намудани он, муҳайё намудани заминаҳои рушди фаъолияти иқтисодӣ ба низоми иҷтимоии ҷомеа шахсони кордонро ворид мекунад, ки дар рушди минбаъдаи ҷомеа саҳмгузор хоҳанд шуд. Аз тарафи дигар элитаи нави иқтисодӣ, бояд пеш аз ҳама, мақсаду ниятҳои худро барои беҳтар намудани шароити зиндагии мардум ва таъмини босуботи он равона созад. Яъне, таъсис ва дастгирии хазинаҳои хайрия ва сарпарастии институтҳои иҷтимоӣ ва ғайра;

– равандҳои модернизатсионии ибтидои асри XXI дар Тоҷикистон дар заминаи рушди муътадили иқтисодиёт, тадриҷан баланд гаштани сатҳи

зиндагии мардум амалӣ мегардад. Лекин барои бо роҳи модернизатсионӣ ҳаракат кардан на танҳо зарурати гузаронидани ислоҳот бар меояд, ки бештар бо иродаи сарвари сиёсӣ алоқаманд аст, балки инчунин тағйирпазирии менталитети ҷомеаи тоҷик бо назардошти таҷрибаи пешқадами тамаддуни европоии замони «модерн» ва арзишҳои милливу динӣ муҳим аст. Вазифаи асосии раванди модернизатсионӣ тарбияи шаҳрванди дорои ахлоқи ҳамида, рӯҳияи озод ва фарҳанги ҳуқуқиву сиёсӣ мебошад, ки аз фаъолияти он дараҷаи тайёр будани ҷомеа, қабул ва амалинамоии арзишҳои демократӣ муайян карда мешавад. Дар ин ҷода таваҷҷуҳи зиёд ба ташаккули ВАО-и озод, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои ҳамдигар дода мешавад. Ҷонибдории шахсони кордон ва масъулиятнок, ки метавонанд ҷомеаро ба сӯи таҳаввулотҳои демократӣ ва устувории тартиботи ҷамъиятӣ раҳсипор созанд, ба миён меояд. Инчунин зарурати истифодаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарбиявии шаҳрвандон пайдо мешавад, ки ғояҳои меҳварии онҳоро эҳтиром ба ватан, эътимод ба ҳокимият ва риояи қонунҳо ташкил месозанд. Аз ин хотир, зарурати қабули консепсияҳо ва барномаҳои мушаххас ба миён меояд, ки ба мардум, афкори муосири ҷамъиятӣ, шаҳрдорӣ ва муносибати байниҳамдигарии онҳоро дар асоси талаботҳои ғояҳои милливу ахлоқӣ таъмин созанд. Вазифаи мазкур ба дӯши маъмурияти шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳо, муассисаҳои таълимӣ, бахшҳои ҷомеаи маданӣ вогузор мегардад;

– зарурати маълумсозии ғояи миллӣ чун андешаи таҳкимбахши миллат пайдо мегардад, ки барои ташаккули шуури ҷамъиятӣ, худшиносии миллӣ ва амалинамоии барномаҳои стратегӣ кӯмак менамояд. Агар солҳои 90-ум ғояи миллӣ хусусияти муттаҳидсозандаи миллатро пайдо намуда, масъалаҳои ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанги аҷдодӣ ва арзишҳои ахлоқиро дар муайян намудани манфиатҳои миллӣ ва ташаккули сиёсати дохиливу беруни Тоҷикистон дар бар гирифта бошад, пас дар айни ҳол ғояи миллӣ бояд чун ғояи ташаккул ва сарҷамъкунанда бо назардошти таҷрибаи таърихии халқи тоҷик ва комёбиҳои он дар замони истиқлолият пиёда гардад. Лекин барои амалинамоии ин ҳадаф ҷонибдории ҷиддии дастгоҳи давлатӣ дар коркарди идеологияи миллӣ, рушд ва муттаҳидкунии шаҳрвандон зарур аст, ки ба воситаи илм, маориф, синамо, санъат, ВАО ва ғайра амалӣ хоҳад гашт. Маҳз ташаккули сатҳи инкишофи самтҳои мазкури фарҳанг ба устувории ҳуввияти миллӣ, худшиносӣ ва зуҳури афкори нав мусоидат мекунад. Дар оянда, вақте, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари энергетикӣ шинохта мешавад ва дар ин бобат вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ хело беҳтар мегардад, ғояи миллӣ дар асоси рақобати оқилона бо кишварҳои дуру наздики хориҷӣ, суботу осудагии кишвар баҳри наслҳои оянда, халқи тавоно ва тақдирсоз зоҳир хоҳад гашт;

– дар айни ҳол ғояи миллӣ бояд аз заминаҳои объективии ҳолати мавҷудаи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон маншаъ гирад. Новобаста, аз мавҷуд будани масъалаҳои зиёди ҳалногаштаи иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву идеологӣ дар системаи сиёсии Тоҷикстон, моро зарур аст, ки дорои андешаи таҳкимбахши миллат бошем. Танҳо андешаи миллӣ қодир аст, ки мардумро муттаҳид сохта, ҳуввияти миллиро ташаккул диҳад ва баҳри амалӣ гаштани мақсадҳои пешбурди ҷомеа равона шавад. Аз сабабе, ки дар замони муосир дар раванди зиддиятҳои кишварҳои абарқудрат дорои қудратмандии сиёсиву иқтисодӣ ё ҳарбӣ будан барои кишварҳои начандон инкишофёфта хело мушкил аст, пас андешаи рушди миллӣ метавонад дар шакли вазифаҳои шаҳрвандон баён шавад. Тоҷикистон низ ғояи миллиро дар заминаи уҳдадории шаҳрвандон чун барномаи давлатӣ барои бартарафсозии омилҳои манфӣ дар ташаккули миллӣ метавонад, қабул созад. Агар, ки ғояи миллӣ чун барномаи давлатӣ баромад кунад, пас ба таври нақша қабул гашта зинаҳои амалшавиро дарбар мегирад, ки боиси бартарафкунии нуқсонҳо ва муҳайё сохтани заминаҳои ояндаи инкишофи миллат мешавад. Танҳо дар раванди амалишавии ғояи миллӣ он таҳкимбахши рушди миллат мегардад, дар ҳолати баръакс он ибораҳои хушку холиест, ки танҳо садо медиҳаду самараи заруриро надорад. Мавҷуд будани ғояи миллӣ ҳамчун шакли масъулияти миллат ва шаҳрвандони кишвар дар назди худ ва наслҳои оянда мебошад. Дар ғояи миллӣ вазифаи шаҳрвандии ҳар як шахс бояд ба инобат гирифта шавад, ки аз уҳдадории умум маншаъ мегирад. Маҳз дар ҳамин ҳолат ғояи миллӣ метавонад, дар шакли барномаи рушд истифода шавад. Моҳияти ғояи миллӣ дар самаранок будани он зоҳир мегардад, ки исботи онро инкишофи ояндаи кишвар маълум мекунад. Амалишавии вазифаи мазкур на танҳо ба дӯши муассисаҳои тадқиқотӣ, балки ба ҳаволаи шаҳрвандони қаторӣ, ки дар сохторҳои мухталифи давлативу ғайридавлатӣ қарор доранд, бояд вогузор гардад ва он дар ҷодаи муколамаи пурмаҳсули давлату ҷомеа тавлид меёбад. Дар натиҷаи ба инобатгирии андешаҳои шаҳрвандон, олимон ва элитаи сиёсӣ ғояи таҳкимбаши миллат метавонад дар шакли мукаммал ва воқеӣ ташаккул ёбад;

– Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрӣ дар заминаи инкишофи сиёсии худ тавонист, ки намунаи хоси рушдро бунёд намояд. Дар он ҷанбаҳои гуногуни давлатдорӣ омезиш ёфтанд, ки пеш аз ҳама ба субот ва осоиштагии сарзамини куҳан мусоидат менамояд. Тарҳи модерникунонии Тоҷикистон аз тарҳҳои илман исботгардидаи он фарқ дорад. Зеро кишварҳое, ки солҳои 70-80-уми асри XX ба раванди модернизатсия қадам ниҳоданд, ҳам аз ҷиҳати имкониятҳои дохилии рушд ва ҳам аз таъсиррасонии берунии геополитикӣ бо кишварҳои имрӯзаи ҳолати модернизатсия дар тафовут мебошанд. Аввалан, низоми байналхалқӣ ва ихтилофи он ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва

Америкаи Лотинӣ имконият дод, ки онҳо рушд ёбанд (ҷонибдории ИМА ва либераликунонии ғарбӣ ва кам кардани таъсири сотсиализм ба кишварҳои олами сеюм) ва ба низоми модернизатсия ворид шаванд. Баъдан, кишварҳои мазкур дар натиҷаи ҳалли масъалаҳои дохилӣ имконияти тавлиди тарҳҳои нави модернизатсияро пайдо карданд, ки аз модернизатсияи европоӣ фарқ дошта бошад, ҳам лекин натиҷаи босамар додааст. Сеюм, ҳолати геополитикии солҳои 70-80-уми асри XX нисбати ҳолати имрӯзаи инкишофи ҷаҳонӣ нисбатан саҳеҳ ва бетазод сипарӣ гаштааст, (зеро рӯйоварии инкишофи онҳо ба либерализм ё сотсиализм маълум буд) ки ба давлатҳо имконияти истифодаи тарҳи инкишофро вобаста ба арзишҳо ва анъанаҳои динии худ пиёда намудааст. Ба Тоҷикистон ва кишварҳои дигари пасошӯравӣ зарурати ташаккули тарҳи нави модернизатсионӣ, ки комилан имкониятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мардумро дарҷ месозад, ба миён меояд. Он бояд бо назардошти натиҷаи фаъолияти давлату ҷомеа дар замони соҳибихтиёрӣ сурат гирад. Таҷрибаи имрӯзаи кишварҳо, модерникунонии кишварҳои собиқ советӣ шакли наверо эҷод хоҳад кард, ки аз мазмуни аслии модернизатсияи қабулгардида дар тафовут қарор дорад. Бинобар ин, чунин тарзи инкишоф бо барномаҳои мушаххаси давлатӣ ба таври мақсаднок ва вобаста ба сатҳи инкишофи пешқадам омода гардида, натиҷаҳои босамарро медиҳад;

– барои Тоҷикистон дар мавриди андозанамоии ченакҳои модернизатсионӣ душворӣ низ ҷой дорад, зеро ҷомеаи тоҷикистонӣ меъёрҳои демократияро истифода намуда, баъзе аз унсурҳои замонашавиро аз назар дур месозад. Нишонаҳои демократия, ба мисли интихоботи озод ва рақобатнок, таносуби салоҳияти парламент ва ҳокимияти иҷроя, таъмин ва кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ғайра дар системаи сиёсӣ ҷой доранд. Системаи сиёсӣ либоси муосирро дар бар карда бошад ҳам, унсурҳои дигари ҷомеа ба мисли фарҳанг ва шуури сиёсӣ хусусияти муосирро ба таври пурра соҳиб нашуданд. Барои беҳтар намудани ташаккул ва рушди институтҳои демократӣ ва мустаҳкамнамоии унсурҳои модернизатсионии ҷомеа бо назардошти манфиатҳои милливу ахлоқӣ нақши давлат, институтҳои сиёсӣ, элитаи сиёсӣ ва шаҳрвандони қаторӣ хело барҷаста аст. Андозанамоии гузариш аз ҷомеаи одӣ ба ҷомеаи мураккаб, аз иқтисодиёти сарбаста ба иқтисодиёти бозоргонӣ, аз инсони офаранда ба инсони ихтироъкор, аз авторитаризм ба демократия ва ғайра ҳолати ҷомеаро сифатан тағйир дода, имконияти ташаккули ҷомеаи навинро ба миён меоранд, ки онро «ҷомеаи муосир» ном гузоштанд. «Ҷомеаи муосир» дар асоси омезишёбии инкишофи босуботи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бояд сурат гирад, рушди яке аз соҳаҳо боиси рушди соҳаи дигар гардад. Ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа бо принсипҳои инсонпарварӣ, адолат, озодӣ ва баробарӣ ҳамоҳангӣ намуда, боиси рушди минбаъдаи ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар гардад. Дар ин самт вазифаи ҳамаи сохторҳои

давлативу ичтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва шаҳрвандони қаторӣ аҳамияти заруриро пайдо мекунад;

– элитаи сиёсӣ бояд имкониятҳои худро дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ оқилона ва мақсаднок истифода намояд, ҳамаҷониба ба ташаккули системаи сиёсии устувор мусоидат кунад ва пеш аз ҳама чун шахсияти таҳким-кунандаи масъалаҳои сиёсии раванди таҳаввулпазирӣ дар ҷомеа баромад кунад. Элитаи сиёсӣ бояд стратегияи рушди сиёсати дохиливу берунӣро муайян намояд; оммаро дар доираи мақсадҳо ва арзишҳо муттаҳид созад; баҳамтаъсиррасонии ҳокимият ва ҷомеаро танзим кунад; ҷомеаро аз бедодгарӣ ва худсарии бюрократӣ эмин дорад; ташаббускориро дар раванди қабули ислоҳотҳо ва сарҷамъбастшавии шаҳрвандонро дар рафти амалишавии онҳо ба амал барорад. Дар ҳолатҳои тағйирпазирии ҷомеа субъектони сиёсӣ низ бояд дигаргун гашта, ба шароитҳои нави инкишофи ҷомеа мутобиқ шаванд, зеро равандҳои сиёсӣ хосияти номуайянӣ ва пурихтилофро дорад. Элитаи сиёсӣ бояд намунаи ростқавлӣ, адолат-парастӣ ва сиришти баланди маънавӣ барои миллати тоҷик бошад. Дар ин ҷода тарбия ва ташаккули элитаи навсифат, маҳз дар сохторҳои давлативу таълимӣ, махсусан, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва робитаи кадрии он бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайра пиёда гардад;

–Тоҷикистон барои ба таври босамар ҷорӣ намудани модернизатсия бояд аз таҷрибаи кишварҳое, ки дар раванди модернизатсионӣ (махсусан, кишварҳои пасошӯравӣ, масалан, Россия) қарор доранд ё ҳолати модернизатсияро паси сар карданд (дар мисоли кишварҳои Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайван) бо назардошти оқилонаи дастовардҳои таҷрибаи худ истифода намояд. Вобаста ба имкониятҳои худ Тоҷикистон дар пайравии инкишоф бо кишварҳои баъдисоветӣ қарор дорад. Дар натиҷаи таҳлилнамоии тарҳҳои модернизатсия тарҳи маҷбурӣ ё фишурдаи он ба ҳолати Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Лекин тарҳи мазкур ҳамчун шакли алтернативӣ истифода нахоҳад шуд. Тарҳи маҷбурии модернизатсия метавонад, барои инкишофи сиёсии Тоҷикистон танҳо, ҳамчун намуна истифода шавад. Ба ин тарҳ таҷрибаи сиёсии кишварҳои Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайван дохил мешавад. Зеро модернизатсия дар ин кишварҳо аз ҷониби давлат дар соҳаи иқтисодиёт бо инкишофи саноати аграрӣ оғоз меёбад. Кишварҳои мазкур дар як вақти кӯтоҳ тавонистанд, ки дар ин соҳа рақобатпазирии худро нишон диҳанд ва ба воситаи сармоягузории хориҷӣ саноати вазнинро низ рушд намоянд. Тоҷикистон метавонад ин таҷрибаро дар соҳаи иқтисодиёт истифода намояд. Барои Тоҷикистон, ки дар гирдоби рақобатҳои геополитикӣ ва иқтисодӣ қарор дорад, ҳалли чунин хело гарон мебошад. Лекин бо пешрафти соҳаи аграрӣ он метавонад, ки эҳтиёҷи дохилии аҳолиро бо озуқаворӣ ва маҳсулоти саноати сабук таъмин намуда, вобастагии

иқтисодиётро аз таъсири кишварҳои ҳамсоя эмин дорад. Вазифаи мазкур, пеш аз ҳама, ба дӯши давлат ва сохторҳои иқтисодӣ вогузор мешавад, зеро танҳо фаъолияти самараноки онҳо шароити рушди иқтисодиро фароҳам меоранд. Бояд иқрор шуд, ки Тоҷикистон метавонад тарҳи хоси инкишофро дар асоси заминаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву миллӣ бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ пайдо кунад;

– барои ҷонибдорӣ ва рушди зарурии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ «амудияти ҳокимият» бо «уфуқияти ҷомеа», баҳамтаъсиррасонии созмонҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ки барандагони манфиатҳои табақаҳо ва гурӯҳҳои мухталиф мебошанд, бояд пурра гардад. Чунин ҳамбастагии амудӣ ва уфуқии робитаҳо, ки бо мурофиқати бомасъули намояндагони ҳокимият амалӣ мешавад, метавонад, ба пойдевори рушди муваффақиятноки модернизатсияи сиёсӣ бо натиҷаи ташаккули давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи маданӣ мубаддал шавад. Дар ин ҷода самаранокии кори бахши сеюм дар ҷомеа ба намунаи ибратомези фаъолияти шахсони алоҳида ва ҳуқуқӣ табдил ёбад. Саҳми баргузории хайрия, кӯмакрасонии иҷтимоӣ, муҳайёсозии эҳтиёҷҳои аҳолии камбизоат ва камҳимоя бояд дар шакли иттилооттиву идеалогӣ ва ҳавасмандгардонии давлатӣ сурат гирад. Давлат бояд ба сарпарасти бахшҳои иҷтимоии ҷомеаи маданӣ мубаддал гардад ва имконияти ҷонибдорӣ намудани сохторҳои иҷтимоиро дар амалӣ намудани мақсадҳо пиёда созад, ки дар ин асос некуаҳволии халқ боло гирифта, шароити арзандаи ҳаёти одамон таъмин мешавад. Маҳз ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ба давлат барои пиёда намудани барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ кӯмак менамояд. Дар ин маврид қисме аз масъулияти иҷтимоии давлат ба дӯши ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, махсусан бахши сеюм бор карда мешавад. Агар, аз як тараф, ин ҳамгироии уҳдадории давлату ҷомеаро мустаҳкам намояд, пас аз тарафи дигар боэътимодии шаҳрвандонро нисбат ба сиёсати давлатӣ афзун месозад. Давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ин самт вазифаҳои меҳварии фаъолияти худро бояд пиёда созанд;

– вазифаи асосии инкишофи Тоҷикистон бо таъсиси минтақаи озоди тиҷорат дар Осиёи Миёна алоқаманд мебошад, робитаҳоро бо Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонистон, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон дар бар мегирад. Дар ин ҷараён бояд мақом ва нақши Тоҷикистон дар доираи созмонҳои интегратсионии ИДМ, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ СҲШ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва ғайра пурзӯр гардида имкониятҳои ояндабинанаи он дар воридшавӣ ба Созмони иқтисодии евроосиёӣ сурат гирад. Зарурати пурзӯрнамоии майлонҳои ҳампайвандии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ ба миён меояд, ки мақоми Тоҷикистонро чун давлати транзитӣ боз ҳам устувортар менамояд. Барои Тоҷикистон зарурати истифодаи стратегияи геополитикӣ бо назардошти кишвари кӯҳистонӣ,

дорои сарватҳои зеризаминӣ ва манбаҳои обӣ будани он ва дар сарҳадоти хатар ва таҳдидҳо қарор гирифтани он ба миён меояд. Дар ин маврид зарур аст, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистон маҳз бо таҳкими истиқлолият, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, ҷонибдории системаи сиёсии босубот ва таъмини рушти минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба инобат гирифта шавад. Таҳияи тарҳи чунин стратегияи рушди геополитикӣ аз ҷониби инстутҳои тадқиқотӣ ва элитаи сиёсӣ метавонад матраҳ гардад.

Дар натиҷаи таҳлил ва хулосанамоӣ оид ба самти тағйирпазирии марҳилаи модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди консепсияи муосири ислоҳоти системаи сиёсӣ бо ба инобат гирифтани нишонаҳои зерин ба миён меояд:

– қабули фаҳми модернизатсия чун раванде, ки бо хусусиятҳои милливу фарҳангӣ алоқаманд буда, ба рушди пояҳои сиёсиву иқтисодии давлату ҷомеа мусоидат менамояд;

– ворид намудани натиҷаи тадқиқотҳои тағйиротҳои бунёдии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки асоси онро ихтилоф байни кӯшиши худмуайянкунии миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ ё байни стандартҳои умумӣ ва арзишҳои маҳаллӣ ташкил мекунад ва дар заминаи он муайян кардани марому ниятҳои ҷомеаи тоҷикистонӣ;

– омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи таҳлили системаҳои сиёсие, ки дар гузариш аз авторитаризм ба демократия қарор дорад ва майл ба модернизатсияи босамар анҷом ёфтааст;

– қабули қарорҳои назариявӣ ва роҳҳои амалинамоии фаҳми сарчашма, хусусият ва ҷараёни тағйиротҳои сиёсие, ки дар роҳи гузариш аз авторитаризм ба демократия вуҷуд доранд;

– қабул намудани барномаҳои ташкили фаъолияти босамари соҳаҳои афзалиятноки рушди ҷомеа, ба мисли маориф, илм, тиб, иҷтимоиёт, иқтисодиёт, фарҳанг, амният ва ғайра ва бо инобат гирифтани ҳолати инкишофи сиёсии Тоҷикистон;

– таҷдиди назар намудани имкониятҳо ва иқтидори ҳокимияти сиёсӣ дар муттаҳидсозӣ ва таъмини босамари дигаргуниҳои ҷамъиятӣ бо ба инобат гирифтани арзишҳои миллӣ ва анъанаи мардумӣ;

– муайян намудани масъалаҳои ташаккул ва таҳкими имкониятҳои салоҳиятнокии элитаи модернизатсионӣ бо мақсади ҳимояи ҳамаҷонибаи принсипҳои демократия;

– муайян намудан ва самаранок гардонидани механизмҳои мушаххас ва босамари легитимикунонии ҳокимият ва институтҳои сиёсӣ;

– истифодаи роҳҳои коркард ва паҳнгардии идеологияи модернизатсионӣ (бо инобат гирифтани вазъи ҷуғрофӣ, манфиатҳои миллӣ ва геополитикӣ ва бартарафсозии таъсиррасонии манфии фарҳанги глобалӣ),

ки бо ҷавҳари равонии замони гузариш ва замони муосир мутобиқ мебошад;

– истифодаи роҳҳо ва механизмҳои ризоият ва муътадилсозии равандҳои ҷамъиятӣ дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси таъмини самаранокии ҳокимият ба амал меояд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Федератсияи Россия чоп шудаанд:

1–«М» Муродова, Н.С. Адолати иҷтимоӣ зербинои сиёсати иҷтимоии давлат [Матн] / Н.С. Муродова Н.С., Ғ.Х. Икромов // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2020, № 3 (39). – С. 162-167.

2–«М» Муродова, Н.С. Бухронҳои сиёсии раванди модернизатсионии Тоҷикистони муосир [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, № 5. Қисми 1. – С. 287-291.

3–«М» Муродова, Н.С. Дурнамои инкишофи сиёсӣ ё раванди «демократиякунонӣ» [Матн] / Г. Н. Зокиров, Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021, № 3. С. 269-276.

4–«М» Муродова, Н.С. Ғояи миллӣ-андешаи таҳкимбахши миллат [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016, № 2. (52). – С. 123-131.

5–«М» Муродова, Н.С. Майлонҳои асосии инкишоф ва ташаккули элитаи сиёсии Тоҷикистон [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017, № 2/4. Қисми 2. – С. 279-283.

6–«М» Муродова, Н.С. Масъалаи инкишофи сиёсӣ ва таълимоти модернизатсияи сиёсӣ [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015, № 3/5. (173). – С. 202-205.

7–«М» Муродова, Н.С. Масъалаҳои созиши ҷомеаи демократӣ дар таълимоти модернизатсияи сиёсӣ [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017, № 2/5. – С. 164-169.

8–«М» Муродова, Н.С. Модернизатсия ва трансформатсия чун шаклҳои инкишофи сиёсии ҷомеа [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019, № 5. Қисми 2. С. 309-312.

9–«М» Муродова, Н.С. Модернизатсияи советӣ: бурбориҳо ва нокомиҳои он [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2022, № 1. С. 265-273.

10–«М» Муродова, Н.С. Моҳияти фалсафӣ ва иҷтимоии мафҳуми «модернизатсия» ва хосияти сиёсии он [Матн] / Н.С. Муродова // Паёми «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». Маркази тадқиқотии стратегии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017, № 1. (56). – С. 182-189.

11–«М» Муродова, Н.С. Основные проблемы современного Таджикистана в процессе трансформации общества [Текст] / Н.С. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. – 2015, № 3/6. (176). – С. 121-124.

12–«М» Муродова, Н.С. Основные факторы кризисных явлений политической модернизации в мире [Текст] / Н.С. Муродова. // Представительная власть-XXI век. – 2017, № 7-8. – С. 52-55.

13–«М» Муродова, Н.С. Особенности политической модернизации системы Центральноазиатских государств [Текст] / Н.С. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. – 2015, № 3/7. (179). – С. 121-124.

14–«М» Муродова, Н.С. Политическое развитие как объект теории политики [Текст] / Н.С. Муродова // Вестник Педагогического университета. – 2015, № 1. (62-2). – С. 56-59.

15–«М» Муродова, Н.С. Преобразования политической системы в истории таджикского народа [Текст] / Н.С. Муродова // Вестник «Таджикистан и современный мир». Центр стратегических исследованийпри Президенте Республики Таджикистан. – 2015, № 7. (50). – С. 89-95.

